# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 1, январ – март 2024**

Душанбе-2024

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

Исполнитель:

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

**Сармуҳаррир –** Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

**Лутфуллозода Ш.–** муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Исҳоқӣ А.Н. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Раҳмонзода С.С. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ

**Ализода Ш.Ш. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳаким Р.А. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Азиззода З.Н. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тағозода А.С. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Пӯлодӣ М.К. –** котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУНДАРИҶА

**Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.......................................................6

**Ахбороти**
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои террористӣ-экстремистие, ки фаъолияташон дар кишвар манъ карда шудаст...........................................30

**Ҷамъбасти**
амалияи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои оилавӣ вобаста ба баҳсҳои аъзои оилаи молик донистан ва маскун намудан ба хонаи истиқоматӣ.............................35

**Ҳаким Р.А.**
Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон асоси таҳкими давлати ҳуқуқбунёд.....................................60

**Комилзода И.С.**
Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули маърифати ҳуқуқӣ.............................................63

**Ғуломзода И.Ш.**
Маърифати ҳуқуқӣ – асоси рушди
ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва нақши суд дар
баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ.................................67

**Анварзода А.А.**
Маърифати ҳуқуқӣ – қабули
Конститутсия ва қонунҳои
миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон...............................................75

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №2

**аз 26 декабри соли 2023 шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам**

Бо назардошти масъалаҳое, ки дар амалияи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, дар моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба миён омадаанд ва бо мақсади татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои қонунгузории моддӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диққати суд, судяҳо ва мақомоти тафтишоти пешакӣ ба он ҷалб карда шавад, ки масъалаҳои муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам (минбаъд ВНМО) ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони бо ВНМО зиндагикунандаро ба ғайр аз меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ ҶТ), Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КТ ҶТ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки

Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба танзим даровarda шудаанд.

2. Ҷинояти сироят кардан бо ВНМО ба ҷамъият хавфнок буда, ҳаёт ва саломатии инсонро таҳти хатар мегузорад. Дар ҳолати таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар, хавфи расонидани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи амнияти ҳаёт ё саломатии инсон ба миён меояд, дар мавриди сирояткардан бо ВНМО бошад, ба ин муносибатҳо зарари воқеӣ мерасад.

Сироят ёфтан бо ВНМО бо хавфи се ҳолат вобаста аст:

а) шахси сироятёфта бо ВНМО метавонад муддати тӯлонӣ дар бораи бемории худ хабар надошта бошад (то пайдо шудани нишонаҳои клиникӣ ва ё ошкор шудани бемории) ва дар ин сурат ӯ метавонад барои дигарон хавф эҷод кунад;

б) масунияти одамро, ки ӯро аз бемориҳо муҳофизат мекунад, фалаҷ мегардонад;

в) дар мавриди табобат нагирифтани шахси сироятёфта, беморӣ инкишоф ёфта, метавонад эҳтимолияти вафоти ӯро ба миён орад.

3. Ҷабрдида аз ин ҷиноят метавонад ҳама гуна шахси дигар бошад, ба ҷуз аз худи гунаҳгор. Худсирояткунӣ (масалан, дар натиҷаи дидаю дониста истифодаи ашёи сироятшуда ва ғайра) боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 125 КҶ ҶТ шуда наметавонад.

4. Дар моддаи 125 КҶ ҶТ ду таркиби мустақили ҷинояти мазкур дар қисмҳои алоҳида муқаррар шудааст:

-дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар (қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ);

-бо ВНМО сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ).

Таркиби бандубасткунандаи ҷинояти сироят кардан бо ВНМО (қисми 2 моддаи 125 КҶ ҶТ) дорои ду ҳолати вазнинкунанда мебошад, ки дар қисми 3 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд:

а) нисбати ду ё зиёда шахсон;

б) нисбати шахси баръало ноболиғ.

5. Суд, судяҳо ва мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки таркиби ҷиноятҳои дар қисмҳои якум, дуюм ва сеюми моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда аз ҳамдигар бо мавҷуд будан ё набудани оқибатҳо фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, қисми якуми ин модда ҷавобгариро барои дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар (сироят рух намедиҳад), қисмҳои дуюм ва сеюм бошад ҷавобгариро барои бо ВНМО сироят кардани шахси дигар (сироят рух медиҳад) пешбинӣ менамоянд.

6. Мафҳумҳои ВНМО ва шахсони сироятшуда бо ВНМО дар КТ ҶТ чунин ифода ёфтаанд:

- ВНМО - вирусе, ки ҳолати норасоии масуниятро дар организми одам ба вуҷуд меорад;

- шахсони сироятшудаи ВНМО - шахсоне, ки гирифтори ВНМО шудаанд (шахсони ҳомили ВНМО ва мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният).

7. Таркиби ҷинояти дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишударо кирдорҳое ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи содир намудани онҳо гунаҳгор дигар шахсро дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО мегузорад.

Таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар, ин аз ҷониби шахс фароҳам овардани шароите фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа хавфи сироят ёфтани

шахси дигар бо ин вирус (мисол, алоқаи ҷинсии беҳимоя ва ё тамоси хун бо хуни сироятшуда) ба вуҷуд меояд.

Мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд ва судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки таҳти хавфи сироят гузоштан бо ВНМО бояд воқеӣ бошад. Саркашӣ намудан аз табобати зиддиретровирусӣ ва хабар надодан дар ин бора вазъияти воқеии хатарро ба вуҷуд намеорад, зеро байни онҳо ва оқибатҳои эҳтимолии имконпазир алоқаи сабабӣ вуҷуд надорад. Дар ин маврид хавф бо ҳаракатҳои мушаххаси гунаҳгор ба вуҷуд меояд (мисол, тамоси хун бо хуни сироятшуда, алоқаи ҷинсии беҳимоя), на ин ки бо беамалии қаблии ӯ.

8. Шахсе, ки дар ӯ сирояти ВНМО аз ҷониби корманди муассисаи тиббӣ ошкор шудааст, дар бораи натиҷаи муоина ва зарурати риояи чораҳои пешгирӣ бо мақсади истисно намудани паҳншавии ВНМО, таъмини кафолати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони сироятёфтаи ВНМО, инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳти хавф гузоштан ё сироят кардани шахси дигар огоҳонида мешавад. Тартиби огоҳ кардани чунин шахсон аз ҷониби мақоми ваколатдор муайян карда мешавад.

Барои бандубасти дурусти ҷинояти мазкур муқаррар намудан зарур аст, ки шахс боэътимод медонист, ки мубталои ВНМО мебошад, роҳҳои воқеии сироят намуданро медонад ва имконияти сироят ёфтани шахси дигарро низ пешбинӣ менамояд.

Далели исботи огоҳ будани шахс аз мубтало будан бо ВНМО, ин бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гирифтани маълумотномаи тиббии дахлдор аз рӯи натиҷаҳои озмоишӣ ва имзо намудан дар варақаи махсуси огоҳӣ дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои сироят кардан бо ВНМО ё далелҳое, ки ҳолати воқиф будани шахсро тасдиқ менамоянд шуда метавонад.

9. Таркиби ҷинояти дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда расмӣ буда, аз лаҳзаи дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар хотимаёфта эътироф карда мешавад.

10. ВНМО бемории музмин буда, барангезандаи он метавонад аз як шахс ба шахси дигар бо се роҳ, яъне алоқаи ҷинсии беҳимоя (бе истифодаи рифола), ҳангоми тамоси хун бо хуни сироятшуда (гузаронидани хуни сироятшуда, трансплантатсияи бофтаҳо ва узвҳо, истифодаи асбобҳои сироятшудаи тиббӣ ва ғайритиббии тамъизнашуда, бо роҳи тазриқӣ истифодаи воситаҳои нашъадор), аз зан ба кӯдак (ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва ё синамаконӣ) гузарад.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки сарфи назар аз эҳтимолияти сирояти кӯдак бо ВНМО аз зани сироятёфтаи ҳомиладор ё зимни таваллуд, занро аз рӯи моддаи 125 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест, зеро қонунгузорӣ сирояти ВНМО-ро ба сифати нишондоди қатъкунии сунъии ҳомиладорӣ бо сабабҳои тиббӣ ё иҷтимоӣ пешбинӣ намекунад.

11. Сарфи назар аз он ки ВНМО дар ҳама моеъҳои биологии организми инсон мавҷуд мебошад, аммо миқдори зарурӣ барои сироятёбӣ бо ВНМО танҳо дар хун, лимфа, нутфа, тарашшуҳоти узвҳои таносули занона ва шири сина мавҷуд аст. Дар моеъҳои биологии боқимондаи организми инсон миқдори вирус нокифоя буда, барои сироят кардан хавф надорад.

Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки шахсони бо ВНМО зиндагикунанда шахси дигарро таҳти хавфи сироят бо ВНМО тавассути муошırати муқаррарӣ (мисол, истифодаи асбобҳои рӯзғор, ҳангоми бо шахсони бо ВНМО зиндагикунанда вохӯрӣ ва нигоҳубин кардан, ба оғӯш гирифтан, бӯсидан, газидан, туф кардан, сулфидан,

истифодаи либос ва дигар амалҳои маишӣ) гузошта наметавонанд, зеро бо ин роҳҳо ВНМО ба шахси дигар намегузарад ва сироят намекунад.

Мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд ва судяҳо зимни бандубасти ҷинояти бо қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда бояд ҳолатҳои зерини таркибдиҳандаи мазмуни кирдори дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигарро ба инобат гиранд:

-қабули табобати зиддиретровирусӣ ва расидан ба сарбории вирусии аз меъёри хавф паст ва ё номуайян;

-истифодаи воситаҳои пешгирикунанда (истифодаи рифолаи мардона ё занона, асбобҳои яккарата, тамъизкунӣ, безараргардонӣ, додани шири сунъӣ).

Бояд дар назар дошт, ки қабули табобати зиддиретровирусӣ ва расидан ба сарбории вирусии аз меъёри хавф паст ё номуайян, инчунин истифодаи воситаҳои пешгирикунанда хавфи сироятёбиро бо ВНМО истисно менамояд. Инчунин истифодаи дурусти рифолаҳо ҳангоми алоқаи ҷинсӣ аз сироятёбӣ бо ВНМО ҳимоя мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо бинобар ҷой надоштани хавфи воқеӣ, зимни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар, бояд бо маҷмӯи далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шавад.

12. Эҳтимолияти хавфи сироят кардан бо ВНМО бо роҳҳои гуногун якхела намебошанд. Аз ин рӯ, мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд ва судяҳо дар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ барои муайян намудани хавфи воқеӣ дастурҳои тиббиро, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор тасдиқ карда шудаанд, бояд ба роҳбарӣ гиранд, зеро ин ҳолат барои муайян намудани яке аз нишонаҳои тарафи объективии ҷинояти дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар аҳамияти муҳим доранд.

13. Тарафи объективии ҷинояти дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишударо ҳаракати бо ВНМО сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки бо чунин вирус мубтало будани худро медонист, ташкил медиҳад.

Мазмуни ҳаракати сироят кардани шахси дигар дар он ифода меёбад, ки шахси мубталои ВНМО бо ҳаракати қасдонаи фаъоли худ ҳолатеро ба вуҷуд меорад, ки оқибат барангезандаи вируси мазкур ба организми ҷабрдида ворид гардида, боиси инкишофи раванди ин беморӣ мегардад. Аз ин рӯ, тарафи объективии ҷинояти мазкурро танҳо кирдор дар намуди ҳаракати фаъол ташкил медиҳад.

14. Ҷиноятҳои дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда таркиби моддӣ дошта, аз ҳаракати сироят намудан бо ВНМО ва фаро расидани оқибат дар намуди сироят кардани воқеии як шахс (қисми 2), ду ё зиёда шахсон (банди «а» қисми 3) ва ё шахси баръало ноболиғ (банди «б» қисми 3) иборат мебошад.

Фосилаи байни лаҳзаҳои сироят намудани ҷабрдидаҳо барои бандубасти ҷиноят аҳамият надорад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки барои лаҳзаи ҷинояти қаблӣ шахс бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад, ё ин ки парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун нисбаташ қатъ гардида бошад ва ё муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузашта бошад, инчунин бо қонун сазовори ҷазо будани кирдореро, ки шахс қаблан содир намудааст, бартараф шуда бошад.

Бояд онро ба инобат гирифт, ки аз сабаби он ки ВНМО табобатнашаванда мебошад, бинобар ин такроран сироят намудани ҳамон як ҷабрдида барои бандубаст намудани чунин ҳаракатҳо бо аломати нисбати ду ё зиёда шахсон асос шуда наметавонад.

Аз рӯи банди «б» қисми 3 моддаи 125 КҶ ҶТ ҳаракатҳое бандубаст карда мешаванд, ки агар бо ВНМО

сироят кардани шахси баръало ноболиғ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин бемори будани худро медонист, содир шуда бошад. Шахс бо ин банди модда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар бараъло ноболиғ будани ҷабрдидаро дарк намояд, яъне далели ноболиғ будани ҷабрдида барои гунаҳгор бараъло аён бошад. Бараъло маънои боэътимод воқиф будани гунаҳгорро дар хусуси он ки ҷабрдида ҳанӯз ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст, дорад.

Дар сурате ки бо ҳолатҳои воқеии парванда муайян гардад, ки шахси мубталои ВНМО оид ба синну соли воқеии ҷабрдида дар асоси шаклу симо, маълумоти нодурусте, ки худи ҷабрдида дар бораи синну солаш ва ғайра хабар додааст, саҳв карда, чунин ҳисоб кунад, ки ҷабрдида болиғ аст, ҳаракатҳои гунаҳгор аз рӯи аломатҳои қисми 2 моддаи 125 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои бо ВНМО сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин бемори будани худро медонист пешбинӣ менамояд, бандубаст карда мешавад.

Ҳангоми бо ВНМО сироят кардани ду ё зиёда шахсон ё ноболиғ, гунаҳгор бояд мубталои ин бемори будани худро донад ва воқеан ду ё зиёда шахсонро ва ё шахси бараъло ноболиғро сироят кунад.

15. Робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат яке аз аломатҳои ҳатмии таркиби ҷиноятҳои қисмҳои 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми пешбурд ва баррасии ин гуна парвандаҳои ҷиноятӣ мақомоти дахлдор, суд ва судяҳо бояд ҳолатҳои зеринро муайян намоянд:

а) оё ҳаракатҳои муайян барои сироят намудан бо ВНМО равона шудааст ё не;

б) оқибат ҷабрдида бо ин вирус сироят ёфтааст ё не;

в) оё маҳз ҳамин ҳаракатҳои барангезандаи вирус боиси сироятёбии ҷабрдида гардиданд ё не.

Ҳамин тариқ, таркиби ҷиноятҳои дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда моддӣ буда, аз лаҳзаи ба организми ҷабрдида ворид шудани ВНМО хотимаёфта ҳисобида мешавад. Раванди минбаъдаи беморӣ, суръати афзоиши он ва ё фаро расидани дигар оқибатҳои вазнин барои бандубасти кирдор аҳамият надорад.

16. Аломатҳои субъекти ҷиноят дар қисмҳои якум, дуюм ва сеюми моддаи 125 КҶ ҶТ гуногун (умумӣ ва махсус) пешбинӣ шудаанд.

Субъекти ҷинояти қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне, шахси воқеии мукаллафи ба синни шонздаҳсолагӣ расида, ки бо кирдори худ дидаю дониста шахси дигарро таҳти хавфи сироят бо ВНМО мегузорад.

Қонуни ҷиноятӣ нишонаҳои субъекти махсусро ҳангоми содир намудани ҷинояти қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ ба таври мушаххас нишон намедиҳад, аз ин рӯ, субъекти қисми якуми моддаи мазкур ҳам шахси бо ВНМО зиндагикунанда ва ҳам дигар шахсон шуда метавонанд.

Шахси дигар ба шарте субъекти қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ ҳисоб карда мешавад, ки агар қасди ӯ бевосита барои таҳти хавфи сироят кардан бо ВНМО равона шуда бошад (мисол, тавассути истифодаи сӯзандоруи тамъизнашуда барои тазриқ).

17. Субъекти ҷиноятҳои қисмҳои 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ махсус мебошад. Яъне, шахси воқеии мукаллафи ба синни шонздаҳсолагӣ расида ва бо ВНМО сироятёфтае, ки мубтало будани худро бо ин вирус воқеан медонад. Барои муайян кардани ин аломатҳо дар мавриди субъекти махсус муқаррар кардан лозим аст, ки шахс пешакӣ ва боэътимод медонист, ки мубталои ВНМО мебошад, яъне ба ӯ иттилоъ дода шуда буд, ки дар организми ӯ ВНМО вуҷуд дорад ва

ин ҳолат дар натиҷаи муоинаи тиббӣ тасдиқ шудааст. Чунин иттилоот ба шахси сироятёфта бо роҳи огоҳии расмӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳти хавфи сироят гузоштани шахси дигар ё сироят кардан бо ВНМО, инчунин шинос кардан бо қоидаҳои муҳофизат бо мақсади роҳ надодан ба паҳншавии сирояти ВНМО пешниҳод карда мешаванд.

Таҳти мафҳуми донистани шахс оид ба мубтало будан бо ВНМО чунин ҳолате фаҳмида мешавад, ки шахс огоҳиномаи расмии мақомоти давлатии тандурустиро дар бораи натиҷаҳои муоинаи ВНМО бо рӯйхати возеҳи ҳаракатҳои манъшуда, ки метавонанд шахсони дигарро сироят кунанд, гирифта бошад ё ин ки далелҳое ҷамъоварӣ шудаанд, ки ҳолати воқиф будани шахсро тасдиқ менамоянд.

Инчунин, бояд дар назар дошт, ки муоинаи тиббӣ барои муайян кардани сирояти ВНМО дар муассисаҳои тиббие гузаронида мешавад, ки он ташхиси лабораторӣи дахлдорро фаро мегирад ва дар асоси иҷозатномае, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, гузаронида мешавад. Тартиби огоҳ кардани шахсон дар бораи ошкор шудани сироят бо ВНМО аз ҷониби мақоми ваколатдор муайян карда шудааст.

18. Тарафи субъективии ҷинояти дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда танҳо дар шакли қасди бевосита, ки дар диспозитсия бо ибораи "дидаю дониста" нишон дода шудааст, ифода меёбад. Яъне, субъект дарк мекунад, ки бо ҳаракатҳои қасдонаи худ ӯ шахси дигарро таҳти хавфи сирояти ВНМО мегузорад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фарорасии он мебошад. Таркиби

ҷинояти расмӣ гунаҳгориро дар шакли қасди бавосита ва бепарвоии ҷиноятkорона истисно мекунад.

19. Тарафи субъективии ҷинояти қисмҳои 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ дар шакли қасди бевосита ё бавосита ифода мегардад.

20. Мувофиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 24 КМҶ ҶТ парвандаҳо оид ба ҷинояти дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда ба парвандаҳои хусусӣ-умумӣ мансуб буда, танҳо бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида ва ё намояндаи қонунии ӯ оғоз карда мешаванд. Дар ҳолатҳои истисно, агар ҷинояти мазкур аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ дошта бошад ё ҷабрдида бо ҳамин парванда бо сабаби вазъи оҷизонааш, вобастагӣ аз айбдоршаванда ва ё дигар сабабҳо ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ қодир набошад, прокурор ҳуқуқ дорад бе аризаи ҷабрдида парвандаи ҷиноятӣ оғоз кунад.

Дар мавриди аз ҷониби прокурор бе аризаи ҷабрдида оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ, прокурор бояд дар чӣ зоҳир гардидани аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ доштани парванда, вазъи оҷизонаи ҷабрдида, вобастагии ӯ аз айбдоршаванда ва ё дигар сабабҳое, ки ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдида монеъ мешаванд, дар қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ асоснок намояд. Вазъи оҷизонаи ҷабрдида ва ё вобастагии ӯ аз айбдоршаванда ва дигар сабабҳо чунин маъно дорад, ки ҷабрдида бо сабабҳои муайян (мисол, ҳолати хурдсолӣ, ноболиғӣ, бемории рӯҳӣ ё равонӣ, нуқсонҳои ҷисмонӣ, маъюбӣ, вобастагии хизматӣ, моддӣ, иҷтимоӣ ё равонӣ ва ғайраҳо) мустақилона ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ қодир намебошад.

Мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки

мувофиқи талаботи қисми 3 моддаи 24 ва моддаи 147 КМҶ ҶТ дар сурати оштӣ шудани шахси аз ҷиноят ҷабрдида бо айбдоршаванда (судшаванда) ва барқарор намудани товони зарари ба ӯ расонидашуда, пешбурди парвандаи ҷиноятии мазкур бо тартиби пешбининамудаи КМҶ қатъ карда мешавад.

21. Мувофиқи талаботи қисми 6 моддаи 24 КМҶ ҶТ, ҷиноятҳои дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинигардида, ҳамчун парвандаҳои дорои хусусияти умумӣ дониста шуда, тавзеҳоти ба қисми якуми моддаи 125 КҶ ҶТ додашуда ба қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур паҳн намегардад. Яъне мақомоти дахлдори таъқиби ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд бе аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ ҳангоми мавҷуд будани асосҳои қонунӣ таъқиботи ҷиноятиро оғоз намоянд.

22. Мутобиқи муқаррароти моддаи 151 КМҶ ҶТ оид ба ҷинояти дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда пешбурди таҳқиқ муайян карда шуда, тартиби пешбурди таҳқиқ аз тарафи мақомоти таҳқиқ бо риояи талаботҳои дар боби 19 КМҶ ҶТ пешбиншуда ба амал бароварда мешаванд.

Инчунин бояд ба инобат гирифт, ки тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятии дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда тибқи талаботи қисми 1 моддаи 160 КМҶ ҶТ ҳатмӣ мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки оид ба парвандаҳои бо қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда агар ҷиноят аз тарафи ноболиғ, шахсони номукаллаф ё баъди содир намудани ҷиноят ба бемории рӯҳӣ гирифтор шуда, ҳамчунин бинобар камбудии ҷисмонӣ (аз бемории ВНМО) содир шуда бошад, мутобиқи талаботҳои моддаи 156 ва қисми 2 моддаи 160 КМҶ ҶТ, бо парвандаҳои мазкур низ ҳатман тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад.

23. Мутобиқи талаботи қисми 9 моддаи 161 КМҶ ҶТ тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаи 125 КҶ ҶТ аз тарафи муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ гузаронида мешаванд.

Мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ё баъд аз он, дар ҳолати муайян намудани ба тобеияти онҳо мансуб набудани парвандаи мазкур аз рӯи муқаррароти қисми 6 моддаи 145 ва қисми 3 моддаи 162 КМҶ ҶТ амал намуда, бояд парвандаро ба прокурор равон намоянд.

Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки прокурор мувофиқи қисми 12 моддаи 161 ва сархати 19 қисми 1 моддаи 168 КМҶ ҶТ метавонад тобеияти тафтишотии парвандаи ҷиноятиро бо моддаи 125 КҶ ҶТ тағйир дода, онро аз як муфаттиш ба муфаттиши дигар ё аз як мақомоти тафтишот ба мақомоти дигари тафтишот диҳад. Дар ин маврид прокурор оид ба тағйир додани тобеияти тафтишотӣ ва вогузор намудани тафтиши минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ бо ҳатман нишон додани асос қарор қабул менамояд.

24. Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 140 КМҶ ҶТ барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо қисми якуми моддаи 125 КҶ ҶТ танҳо аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ сабаб шуда метавонад. Асос барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ бо қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 125 КҶ ҶТ мавҷудияти маълумоти кофие мебошад, ки дар он аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур дида мешаванд, шуда метавонад.

Дар сурати мавҷуд будани аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ дар бораи содир шудани ҷинояти дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда, ҳуқуқи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба мақомоти таҳқиқ,

таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор тааллуқ дошта (моддаҳои 145, 147 КМҶ ҶТ), аз ҷониби онҳо дар доираи салоҳияташон бо риояи қатъии қоидаи тобеияти тафтишотӣ қарори ваҷҳнок қабул карда мешавад.

Дар ҳолати набудани аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ, дар бораи содир шудани ҷинояти дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда, ҳуқуқи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои истисноие, ки дар қисми 2 моддаи 147 КМҶ ҶТ номбар шудаанд, танҳо ба прокурор дода шудааст, ки дар чунин ҳолат прокурор низ қарори ваҷҳнок қабул мекунад.

25. Бо мақсади таъмин намудани кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият, ҳаёт ва саломатии шахсӣ, дар сурати мавҷуд набудани аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ ва инчунин набудани ҳолатҳои истисноие, ки ба прокурор ҳуқуқи оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро бо қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ дода шудааст, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судяҳо тибқи талаботи сархати 6 моддаи 27 КМҶ ҶТ дар бораи рад намудан аз оғоз ва ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ қарори (таъинот) асоснок қабул мекунанд.

26. Таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда (айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда) вазифаи шахсоне, ки пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ба зиммаашон гузошта шудааст, мебошад.

Муқаррароти моддаи 51 КМҶ ҶТ ҳолатҳои ҳатмии иштироки ҳимоятгарро дар парванда пешбинӣ намуда, мавҷудияти камбудиҳои ҷисмонию руҳии гумонбаршудае (айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда), ки имконияти мустақилона ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳояшро надорад чун асоси иштироки ҳатмии ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳо муайян намудааст.

Бояд ба инобат гирифт, ки дар баъзе мавридҳо шахсони бо ВНМО зиндагикунанда аз сироят ёфтан бо ин вирус ба ғайр аз коста гардидани масунияти организм, ба камбудиҳои ҷисмонию равонӣ (мисол, депрессия, нейропатия, нефропатия, энселофалопатия ва ғайраҳо) гирифтор мешаванд.

Аз ин рӯ, ҳангоми пешбурди тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаи 125 КҶ ҶТ бо назардошти вазъи саломатии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, ки бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ, ҳуқуқи худро ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда наметавонанд, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судяҳо бояд иштироки ҳатмии ҳимоятгарро таъмин намоянд.

27. Мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки зимни тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятї бо моддаи 125 КҶ ҶТ, тартиботи муқаррарнамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба ҷамъоварӣ ва барасмиятдарории далелҳо бояд риоя карда шаванд. Барои исботи ҳодисаи ҷиноят ва вазъи бемории гумонбаршуда (айбдоршаванда, судшаванда) дарёфти маълумоти воқеӣ дар бораи мубтало будани шахс бо ВНМО аз муассисаҳои дахлдори тиббӣ зарур мебошад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 162 КТ ҶТ чунин маълумот сирри тиббӣ (иттилоот вобаста ба вазъи саломатӣ, дар бораи ташриф ба муассисаи тандурустӣ) буда, қонун махфияти онро ҳифз менамояд. Бинобар ин, мақомоти тафтишотӣ пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 14 ва 192 КМҶ ҶТ оид ба ёфта гирифтани сирри қонунан ҳифзшуда, ба суд барои гирифтани иҷозат бояд дархост пешниҳод намояд. Риоя накардани тартиби бо қонун пешбинишуда мутобиқи

талаботи моддаи 881 КМҶ ҶТ барои ғайри қобили қабул ҳисобидани далелҳо ва беэътибории онҳо асос мегарданд.

28. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ВНМО танҳо бо роҳҳои махсус аз як шахс ба шахси дигар мегузарад. Бояд ба инобат гирифт, ки сироятёбӣ бо ВНМО махсусият дошта, аз хусусиятҳои шахси бо ВНМО зиндагикунанда, ҷараёни бемории ӯ, сарбории вирусӣ алоқамандӣ дорад. Муайян намудани ин ҳолатҳо дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят барои бандубасти дурусти кирдор аҳамият доранд.

Барои муайян намудани ҳолатҳои воқеӣ бо парвандаҳои ҷиноятии дар моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда дониши махсус дар соҳаи илми тиб лозим аст. Бинобар ин дар асоси талаботи моддаи 209 КМҶ ҶТ таъин ва гузаронидани экспертизаи дахлдор бо парвандаҳои мазкур ҳатмӣ мебошад. Экспертиза бо риояи талаботи боби 24 КМҶ ҶТ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба экспертизаи давлатии судӣ дар муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ бояд гузаронида шавад. Дар сурати вайрон намудани тартиби таъин ва гузаронидани экспертиза, мутобиқи талаботи моддаи 881 КМҶ ҶТ маълумоти ҷамъовардашуда ба сифати далели қобили қабул эътироф намешаванд.

Ҳангоми таъин намудани экспертизаҳои судӣ лозим аст, ки дар назди коршиносон саволҳои алоқаманд ба предмети исботкунӣ гузошта шуда, ҳудуди он риоя карда шавад.

29. Бояд дар назар дошт, ки барангезандаи ВНМО ба зергуруҳи лентивирус ва оилаи ретровирусҳо дохил буда, ду намуди вирусҳо ВНМО-1 ва ВНМО-2 мавҷуданд. Аз ин рӯ, барои муайян намудани айнияти намуд ва штаммҳои ВНМО, ки аз як шахс ба шахси дигар сироят шудааст, таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ-филогенетикӣ ва

дигар намуди экспертизаҳои дахлдор бо мақсади тасдиқ намудани ҳолати сироят намудани ҷабрдида аз тарафи гумонбаршуда (айбдоршванда, судшаванда) ё ин ки шахсони сеюм, зарур мебошад.

30. Тибқи муқарраротимоддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 19 КМҶ ҶТ муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ чун қоида ошкоро сурат мегиранд. Бинобар он ки дар парвандаҳои ҷиноятии бо моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинишуда сирри бо қонун ҳифзшаванда (қисми 2 моддаи 162 КТ ҶТ) мавҷуд аст, муҳокимаи судии чунин парвандаҳо дар асоси муқаррароти қисми 1 моддаи 273 КМҶ ҶТ бояд ба таври пӯшида гузаронида шаванд. Муҳокимаи пӯшидаи судӣ тақозо менамояд, ки суд, судяҳо амалҳои далхлдори мурофиавиро ҷиҳати ҳифзи сирри тиббӣ таъмин намоянд.

31. Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ бо мақсади таъмин намудани амалияи дуруст ва татбиқи якхелаи меъёрҳои қонунгузории моддӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, мунтазам парвандаҳои ҷиноятии сироят кардан бо ВНМО-ро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷамъбасти таҷрибаи судиро гузаронида, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо тадбирҳои қонунӣ андешанд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№1**

**аз 28 феврали соли 2024** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи озод намудани Ҳакимзода Саломат Абдушукур аз вазифаи котиби Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Ҳакимзода Саломат Абдушукур аз вазифаи котиби Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№2**

**аз 28 феврали соли 2024** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи интихоб намудани котиби Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Ба вазифаи котиби Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пӯлодӣ Мавҷуда Комил интихоб карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№3**

**аз 28 феврали соли 2024 шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Наимзода Марҳабо Наим аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Наимзода Марҳабо Наим бинобар аз вазифаи судяи Суди Олӣ бозхонд шуданаш аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Пӯлодӣ**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№4**

**аз 28 феврали соли 2024** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Ҳакимзода Саломат Абдушукур аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Ҳакимзода Саломат Абдушукур бинобар аз вазифаи судяи Суди Олӣ бозхонд шуданаш аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Пӯлодӣ**

**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№5**

**аз 28 феврали соли 2024** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудан аз ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ҚАРОР КАРД:**

Ҳакимзода Саломат Абдушукур бинобар аз вазифаи судяи Суди Олӣ бозхонд шуданаш аз ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Пӯлодӣ**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№6**

**аз 28 феврали соли 2024** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Ҳоҷизода Мирзошариф Мирзораҳмат ба ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Раиси суди вилояти Суғд Ҳоҷизода Мирзошариф Мирзораҳмат ба ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Пӯлодӣ**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№7**

**аз 28 феврали соли 2024** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Зарифӣ Фахриддин Наҷмиддин ба ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Муовини раиси суди вилояти Суғд Зарифӣ Фахриддин Наҷмиддин ба ҳайати Раёсати суди вилояти Суғд тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Пӯлодӣ**

# АХБОРОТИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОИР БА ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ ТЕРРОРИСТӢ- ЭКСТРЕМИСТИЕ, КИ ФАЪОЛИЯТАШОН ДАР КИШВАР МАНЪ КАРДА ШУДАСТ

Ба маълумоти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад, ки бо ҳалномаҳои Суди Олӣ 29 адад ҳизбҳо, гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, равияҳо ва иттиҳодияҳои зерин ҳамчун ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ эътироф гардида, фаъолияташон дар ҳудуди кишвар манъ, воридоти адабиётҳо ва сомонаҳои ин ташкилотҳо баста шуданд:

1.Ҳизби Наҳзати Ислом;

2.Ташкилоти «Ал-Қоида»;

3.Ҳаракати Исломии Туркистони Шарқӣ;

4.Ҳизби Исломии Туркистон (собиқ ҳаракати Исломии Узбекистон);

5.Ҳаракати Толибон;

6.Ташкилоти Бародарони Мусулмон;

7.Ташкилоти Лашкар-е-Тайба;

8.Гурӯҳи исломӣ («Чаъмият –е- Ислам-и Покистон»);

9.Ҷамъият –е-Табдиғ;

10.Ташкилоти динӣ-мубаллиғии «Созмони Таблиғот»;

11.Тоҷикистони Озод;

12. Ҳизби Таҳрир;

13. «Ҳизб-ут-таҳрир»;

14. Равияи динии «Салафия»;

15.Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ»;

16. Ҳаракати ҷамъияти «Гуруҳи 24»;

17.Ташкилоти «Давлати исломӣ» («Давлати исломии Ироқу Шом»);

18. «Ҷабҳату-н-Нусра» («Ҷабҳат ан Нусра»);

19. «Паймони миллии Тоҷикистон»;

20. Ҷанги муқаддас (Ал-Ҷиҳод, Ҷиҳоди исломии Мисрӣ);

21.Ҷамъияти ислоҳоти иҷтимоӣ (Ҷамъият-ал Ислоҳ ал-Иҷтимоӣ);

22.Ҷамъияти эҳёи мероси исломӣ (Ҷамъияти Ихё ат Тураз ал-Исломӣ);

23.Хонаи ду зиёратгоҳ (Ал- Харамейн, Дом двух святых);

24.Ҷунд аш-Шом (Артиши Шоми Бузург);

25.Ҷиҳоди Исломӣ - Ҷамоати муҷоҳиддин;

26. Иттиҳоди экстремистии «Шоҳидони Яҳво»;

27.Ташкилоти «Памир дейли нюс» (Pamir Daily News) ё «Памир нюс» (Pamir News);

28. Ташкилоти террористӣ-экстремистии «Давлати исломии вилояти Хуросон»;

29.Ташкилоти экстремистии «Новый Таджикистан 2».

Бояд қайд кард, ки тибқи қонунгузорӣ таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гуруҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ иҷозат дода намешавад.

Мутаассифона, дар ҷомеа гуруҳҳо ва созмонҳое пайдо мешаванд, ки даст ба қонуншиканиҳо зада, теъдоди зиёди ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистӣ (ифротгароӣ) дошта содир намуда, дар байни аҳолӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои ахбори омма норозигию иғво ва кинаю адоватро барангехта, бо ин амалҳои худ ҳаёти осудаи шаҳрвандон ва амнияти ҷамъиятиро халалдор менамоянд.

Таъсиси ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ хилофи талаботи Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунанда буда, мақсади онҳо ба поймол намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, бо истифода аз дини мубини ислом, матбуоти даврӣ ва дигар шабакаҳои ичтимоӣ, даъват намудан барои бо роҳи зӯрӣ сарнагун кардани сохти конститутсионӣ, халалдорсозии соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти давлатӣ равона шудааст.

Дар робита ба ин, дар қонунгузории ҷиноятӣ як қатор кирдорҳо ҷиноят эътироф гардида, барои содир намудани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо пешбинӣ гардидаст.

Чунончи, моддаи $307^3$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳафт то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо муқаррар намудааст.

Тибқи қисми 2 моддаи мазкур бошад барои иштирок дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори

қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, инчунин мусоидат кардан ба фаъолияти онҳо бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, шабакаи интернет ва ё ба тарзи дигар, (лайк гузоштан, ҷонибдорӣ, паҳн ва таблиғ кардани ғояҳо) ҷавобгарӣ барои содир кардани он бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо муқаррар гардидааст.

Ҳамчунин дар моддаи $307^4$ Кодекси ҷиноятӣ барои ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷойи таълим, ҷавобгарӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол ҷазо пешбинӣ карда шудааст.

Қисми 2 моддаи зикршуда барои ҳамин кирдор, агар: бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад, бо маблағгузорӣ намудани чунин гурӯҳҳо алоқаманд бошад, ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати панҷ сол муқаррар намудааст.

Тоҷикистон яке аз ташаббускорони мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм буда, ҳама гуна даъватҳоро вобаста ба халалдорсозии тамомияти арзӣ ва амнияти давлатӣ, ҷудоиандозию ба миён овардани низоъҳои диниву мазҳабиро маҳкум менамояд.

Шаҳрвандони кишвар бояд доданд, ки ҳар шахс вазифадор аст Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд.

Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад.

Фаромуш набояд кард, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз вазифаҳои шахс ҷудо нестанд. Ҳар шахс дар

рафти амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳояш бояд вазифаҳои муайяни ба зиммааш гузошташударо иҷро намояд.

Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд вазифадор аст, ки масъалаҳои зикргардидаро дуруст дарк намояд ва нагузорад, ки фарзандону наздиконашон ба ақидаҳои носолиму иғвоанзези ин созмонҳо пайравӣ намоянд, фирефтаи ақидаҳо ва ташвиқу тарғиби душманонаю ваъдаҳои иғвогаронаи онҳо гарданд.

Зеро ақидаю ғояҳои ин гуна ташкилоту равияҳои террористӣ-экстремистӣ ба дини мубини Ислом ва мазҳаби Абуҳанифа иртиботе надошта, таблиғгарони ин созмону гурӯҳҳо меъёрҳои Қуръон ва Ҳадисро нодуруст маънидод мекунанд ва Исломро барои амалӣ гаштани ҳадафҳои ғаразноки хеш истифода мебаранд.

Маҳз ба хотири баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва худогоҳиву худшиносии мардум, инчунин тарбияи насли имрӯза, омухтану азхуд кардани мероси бузурги ахлоқиву маънавӣ ва арзишҳои ҷовидонаи фарҳангии гузаштагонамон бояд вазифаи аввалиндараҷаи шаҳрвандон бошад.

Ҳар як шаҳрванди кишвар, махсусан ҷавонон вазифадор ва масъул мебошанд, ки ҳаргиз ва дар ҳеҷ ҳолат ба Ватан, миллат ва давлати худ хиёнат накунанд. Фирефтаи тарғибу ташвиқи душманон ва хоинони миллат нагарданд.

**Шуъбаи иттилооти**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## амалияи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои оилавӣ вобаста ба баҳсҳои аъзои оилаи молик донистан ва маскун намудан ба хонаи истиқоматӣ

Ҷиҳати иҷроиши банди 12-и нақшаи кории Суди Олӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 ҷамъбасти амалияи судии баррасии парвандаҳои оилавӣ вобаста ба баҳсҳои аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба хонаи истиқоматӣ, ки дар судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2023 баррасӣ гардидаанд, гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани ҷамъбастӣ омӯзиши таҷрибаи судӣ вобаста ба баррасии ин гурӯҳи парвандаҳои оилавӣ, муайян кардани вазъи татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии шаҳрвандон, таъмин намудани беҳбудӣ дар фаъолияти судҳо марбут ба бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ҳангоми ҳалли ин намуди парвандаҳо мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад.

Қонунгузории манзил ҳама гуна амал (беамали)-ро, ки барои амалишавии ҳуқуқ ба манзил монеъ мегардад, манъ намудааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаи ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои манзилии онҳо, таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати судӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Натиҷаи ҷамъбасти амалияи судӣ нишон дод, ки судяҳо дар доираи талаботи қонунҳои амалкунанда саривақт баррасии парвандаҳои оилавиро оид ба баҳсҳои

мазкур таъмин намуда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои манзилии онҳоро мувофиқ ба талаботи санадҳои меъёриву ҳуқуқии дар боло зикргардида таҳти ҳифзи судӣ қарор дода, санадҳои қонунию асоснок ва моҳиятан дуруст (қ. 2-и м. 351 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон) қабул кардаанд.

Аз омӯзиши парвандаҳо муайян карда шуд, ки судяҳо дар вақти баррасии ин парвандаҳо талаботи моддаҳои 121-122 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири 12 декабри соли 1997), моддаҳои 4, 136, 151-153, 198 қисми 3, 200 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 24-25 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири 18 марти соли 2022), Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак»-ро риоя карда, санадҳои қонунию асоснок ва моҳиятан дурусти адолатнок қабул кардаанд.

Муайян карда шуд, ки дар баъзе судҳо дар давраи қабули аризаҳои даъвогӣ оид ба баҳсҳои мазкур ба вайрон кардани талаботи моддаҳои 90 ва 92 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне пардохти нодурусти боҷи давлатӣ роҳ дода шудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 банди 2 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти ғайримолу мулкӣ, ки предмети онҳо нархгузорӣ карда намешаванд, барои шахсони воқеӣ – 5 % аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

Натиҷаи ҷамъбастӣ нишон дод, ки дар судҳо вобаста ба рӯёнидани боҷи давлатӣ таҷрибаи ягона ҷой надошта, иҷрои дурусти талаботи қонуни мазкур дар баъзе судҳо ба роҳ монда нашудааст.

Масалан: Даъвогар Р.Н.М. нисбат ба С.З., С.И., Х.Ш. дар бораи аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф кардан ва маскун намудан ба хонаи истиқоматӣ ба суди ноҳияи М. санаи 4 июли соли 2023 муроҷиат кардааст. Аз маводҳои парванда бармеояд, ки расид (квитансия) дар бораи пардохти боҷи давлатӣ ё санади судӣ дар бораи озод намудани Р.Н.М. аз пардохти боҷи давлатӣ дар маводи парванда мавҷуд нест.

Мисоли дигар: Даъвогар Л.З.Б. нисбат ба Н.С.Н. ва Н.С.С. дар бораи аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф кардан ва маскун намудан ба манзил ба суди ноҳияи Р. санаи 1 феврали соли 2023 муроҷиат кардааст. Аз маводҳои парванда бармеояд, ки расид дар бораи пардохти боҷи давлатӣ ё санади судӣ дар бораи озод намудани Л.З.Б. аз пардохти боҷи давлатӣ дар маводи парванда мавҷуд намебошад.

Камбудии дар боло зикргардида дар вақти қабули аризаи даъвогии Л.М.Н. нисбат ба Ю.З.Г. ва Ю.О.А. дар бораи аъзои оилаи молики хонаи истиқоматӣ эътироф кардан ва маскун намудан ба он, ки ба суди шаҳри Ҳ. санаи 16 августи соли 2023 ворид гардидааст, ва аризаи даъвогии Я.Г. нисбат ба С.Ш.А. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, ки бо ҳалномаи суди ноҳияи В. аз 17 январи соли 2023 қаноат гардонида шудааст, ба назар мерасад.

Мисоли навбатӣ: Даъвогарон Р.Г.Ғ., Р.Ҷ.Ҷ., Р.И.Ҷ. нисбат ба Р.Х.Г. дар бораи аъзои оилаи молики хонаи истиқоматӣ эътироф кардан ва маскун намудан ба он ба суди ноҳияи Ш. 31 майи соли 2023 муроҷиат намуда, 50 сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт карда, дар ин бора расидро ба суд пешниҳод кардаанд.

Мувофиқи талаботи қисми 2, банди 2-и моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»

андозаи боҷи давлатӣ аз руи парвандаҳои мазкур на 50 (панҷоҳ) сомонӣ, балки 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 3 сомону 40 дирамро ташкил медиҳад. Суди марҳилаи якум бо ҳалнома аз 18 июли соли 2023 аризаи даъвогии номбурдаро қаноат карда, вале масъаларо дар хусуси боҷи давлатии барзиёд пардохтшуда аз ҷониби даъвогарон ҳал накарда, дар ин бора ягон санади судӣ қабул накардааст.

Ба камбудиҳои дар боло зикргардида дар судҳои ноҳияҳои Р. ва А. аз рӯи аризаи даъвогии Қ.У.И. бо ҷавобгарии Р.У.Х. ва аризаи даъвогии А.М.Р. нисбат ба И.С.А. ва И.А.А. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ низ роҳ дода шудааст.

Ҳамзамон, муайян карда шуд, ки ҳангоми пешниҳод намудани аризаҳои даъвогӣ аз руи парвандаҳои намудҳои мазкур дар судҳои шаҳри К. ва ноҳияи М. боҷи давлатӣ асосан ба маблағи 6,8 сомонӣ, суди ноҳияи Ф. аз 1,2 то 10 сомонӣ, суди ноҳияи Д. аз 3,4 сомонӣ то 14 сомонӣ, суди ноҳияи Н. аз 7 то 10 сомонӣ рӯёнида шудааст. Ин ҳолатҳои муайяншуда шаҳодати он мебошанд, ки оид ба пардохти боҷи давлатӣ дар судҳо амалияи гуногун ҷой дошта, бояд дар оянда ин масъала ба танзим дароварда шуда, иҷрои он бо риояи дақиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба роҳ монда шавад.

Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 150 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавзеҳоти банди 1 қарори Пленуми Суди Олӣ таҳти №12 аз 19.12.2008 сол «Дар бораи омодасозии парвандаи маданӣ ба муҳокимаи судӣ», омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ давраи мустақили мурофиаи маданӣ ба ҳисоб рафта, мақсадаш таъмини дурусту саривақтии баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо мебошад.

Омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нисбат ба ҳар як парвандаи маданӣ ҳатмӣ буда, аз ҷониби судя бо иштироки шахсони иштирокчии парванда ва намояндагони онҳо анҷом дода мешавад.

Вазифаҳои омодасозии парванда дар моддаи 151 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки аз муайян намудани қонуне, ки бояд ҳангоми ҳалли парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо ба роҳбарӣ гирифта шавад, аниқ намудани ҳолатҳои воқеие, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд, ҳалли масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокчии парванда ва дигар иштирокчиёни мурофиа, пешниҳоди далелҳои зарурӣ аз ҷониби тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парванда ва оштии тарафҳо иборат аст.

Ҷамъбастӣ нишон дод, ки амалиёти омодасозӣ аз ҷониби судяҳо на дар ҳама ҳолат пурра ва ба таври дахлдор гузаронида шуда, танҳо рӯякӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳолат боиси кашолкорӣ дар баррасии парвандаҳо, инчунин бидуни мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи қонун бе баррасӣ гузоштани аризаҳои даъвогӣ мегардад.

Гарчанде дар қонуни мурофиавии маданӣ муҳлатҳои гузаронидани амалиёти омодасозии парванда пешбинӣ нашуда бошад ҳам, бо мақсади ноил гардидан ба баррасии дурусти парванда, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва қабули қарори қонунан асоснок зарур аст, амалиёти мазкур дар муҳлатҳои оқилона ва қобили қабул гузаронида шаванд.

Парвандаи оилавӣ бо даъвои Ш.З.Қ. бо ҷавобгарии Қ.Б. ва Қ.Ш. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ 31 майи соли 2023 дар суди шаҳри К. оғоз карда шудааст. Бо мактуби судя аз 23 августи соли 2023 (бо сипарӣ гардидани 2 моҳу 22 рӯз) гӯё нусхаи аризаи даъвогӣ ба суроғаи маҳалли

зисти ҷавобгарон ирсол гардидааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки раисикунандаи парванда омодасозии парвандаи мазкурро сари вақт нагузаронида, ба кашолкорӣ роҳ додааст.

Мисоли дигар, даъвогар О.О. бо ҷавобгарии Ш.О. оид ба маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ба суд муроҷиат карда хоҳиш намудааст, ки ӯ ва ду фарзанди ноболиғаш аъзои оилаи Ш.О. эътироф карда шуда, ба манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи Р., Ҷамоати деҳоти Г., деҳаи М. бо истифодабарии биноҳои ёрирасон маскун карда шаванд.

Аз мактуби судя аз 29 июли соли 2023 бармеояд, ки гуё суд аризаи даъвогиро бо ҷавобгар Ш.О. ирсол намуда, ҷавобгарро ба 3 августи соли 2023 соати 10:00 барои гузаронидани омодасозӣ бо парванда даъват намуда бошад. Аз таъиноти омодасозӣ аз 10 июли соли 2023 бошад дида мешавад, ки суд тарафҳоро барои суҳбат аллакай ба санаи 17 июли соли 2023 дар соати 10:00 даъват намудааст.

Ниҳоят суд иштироки ҷавобгар Ш.О.-ро дар мурофиаи судӣ таъмин накарда, санаи 2 ноябри соли 2023 парвандаро бе иштироки охирон баррасӣ намуда, даъворо қонеъ кардааст. Дар қабати парванда маълумот дар хусуси иҷрои ҳалнома ҷой надорад.

Бо парванда аз рӯи даъвои Э.Ҳ.С. бо ҷавобгарии Б.М. ва Шуъбаи шиносномадиҳии ШВКД ноҳияи Р. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ суд ҳангоми гузаронидани омодасозӣ, ҷавобгар Б.М. ва Шуъбаи шиносномадиҳии ШВКД ноҳияи Р.-ро барои иштирок дар омодасозӣ даъват накарда, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро нафаҳмонида, парвандаро бе иштироки намояндаи Шуъбаи шиносномадиҳии ШВКД ноҳияи Р. баррасӣ ва даъворо қонеъ намудааст. Оид ба

иҷрои ҳалнома дар маводи парванда маълумот ҷой надорад.

Дар баррасии парвандаҳо бо даъвои Б.Н.П. бо ҷавобгарии Ш.Қ., ҳамҷавобгарон Ш.Х., Ш.Ш. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ, бо даъвои М.Ҷ.Н. бо ҷавобгарии Г.Б. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ айнан чунин камбудиҳо ҷой доранд.

Чунин камбудиҳо дар таҷрибаи баррасии парвандаҳо дар фаъолияти дигар судҳо низ ба назар мерасад.

Чунончӣ, даъвои О.Н.Х. бо ҷавобгарии А.Х.Р. ва А.М. дар бораи эътироф намудани аъзои оилаи молик, маскун кардан ба манзили истиқоматӣ суд нусхаи аризаи даъвогиро ба ҷавобгарон насупорида, тарафҳоро барои гузаронидани омодасозӣ ба суд даъват накардааст. Дар таъинот дар бораи гузаронидани омодасозӣ санаҳое, ки гуё тарафҳо ба суд даъват шуда бошанд, ислоҳ карда шудааст.

Бо таъинот аз 20 октябри соли 2022 баррасии парванда ба 3 ноябри соли 2023 таъин карда шудааст, вале аз хабарномаҳо ва протоколи маҷлиси судӣ дида мешавад, ки мурофиаи судӣ рӯзи 24 ноябри соли 2023 гузаронида шуда, тарафҳо бе сабаби узрнок ба баррасии парванда ҳозир нашудаанд. Сипас санаи 3 ноябри соли 2023 бинобар такроран ба баррасии парванда ҳозир нашудани тарафҳо аризаи О.Н.Х. бе баррасӣ мононда шудааст.

Чунин камбудиҳо зимни баррасии парвандаҳо бо даъвои М.З. ва Ҷ.М. бо ҷавобгарии М.Ҷ. ва М.Ш., бо даъвои Т.Н. бо ҷавобгарии Ҳ.С., даъвои К.Ж. бо ҷавобгарии К.Х., бо даъвои А.З.С. бо ҷавобгарии Ш.Р., Ш.Н. ва Ш.Ҳ. оид ба аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ такрор гардидаанд.

Дар суди ноҳияи В. бо парванда даъвогар А.С.С. бо ҷавобгарии М.З. ва М.И. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ тарафҳо барои гузаронидани омодасозӣ ба суд даъват карда нашудаанд. Дар таъинот оид ба омодасозии парванда санаи қабули таъинот, санаи даъвати тарафҳо барои гузаронидани суҳбат ва ҳамчунин имзои судя гузошта нашудааст. Дар маводҳои парванда ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи манзили истиқоматӣ ва нақшаи ҷойгиршавии хуҷраҳои манзили истиқоматӣ ҷой надорад. Суд даъворо қонеъ карда, даъвогарро ба манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи В., Ҷамоати деҳоти В., деҳаи С. дар ҳуҷраи адозааш 5х3 м2 бе муайян намудани он ки оё ҳуҷраи зист бо чунин масоҳат ҷой дорад ё не, маскун намудааст.

Дар парванда бо даъвои Г.Ф.Т. бо ҷавобгарии Х.С. дар хусуси аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва нақшаи манзили истиқоматӣ ҷой надошта, суд муайян накардааст, ки оё ҳуҷрае, ки даъвогар бояд маскун шавад, дар асл ҷой дорад ё не. Ҳамчунин дар протоколи маҷлиси судӣ аз 13 феврали соли 2023 имзои раисикунандаи парванда гузошта нашудааст.

Ин ҳолатҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаи суд мушкилиҳоро ба бор оварда, иҷрои санади судиро имконнопазир мегардонад. Оид ба иҷрои санади судӣ дар парванда маълумот ҷой надорад.

Камбудиҳои зикргардида дар суди ноҳияи В. ҳангоми баррасии парвандаҳо бо даъвои М.А. нисбат ба М.М. ва М.Х., бо даъвои А.З.И. бо ҷавобгарии Т.Д.З., бо даъвои Ш.М.Н. бо ҷавобгарии Ш.Ю.К., бо даъвои Х.О.Н. бо ҷавобгарии Б.К. ва Б.Д., бо даъвои Ш.З.А. бо ҷавобгарии Ш.Қ.С. ва Д.И., бо даъвои Д.С.Ч. бо ҷавобгарии Ш.Х.,

Ш.И.У. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ такрор гардидаанд.

Зимни баррасии ин парвандаҳо суд танҳо ба баёнотҳои даъвогарон маҳдуд гардида, онҳоро бе муайян намудани нақшаи хонаи истиқоматии баҳсӣ ва масоҳату андозаи ҳуҷраҳо маскун кардааст.

Мисоли дигар, аз парванда вобаста ба даъвои Ғ.Г.И. бо ҷавобгарии Ғ.Б.Т., Т.А.Б. ва Т.И.Б. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ муайян гардид, ки шиносномаи техникии манзили баҳсӣ дар маводи парванда мавҷуд намебошад. Парванда бе иштироки ҷавобгарон Т.А.Б. ва Т.И.Б. баррасӣ гардида, даъвогар ба ҳуҷраи андозааш 5х3 м2 маскун карда шуда, дар қисми асосноккунии ҳалнома суд бо далелҳои боэътимод муайян накардааст, ки ҳуҷраи зисти номбурда дар кадом қисми манзили истиқоматии баҳсӣ ҷой дорад.

Шаҳрванд М.О.Ю. нисбат ба М.А. дар бораи аъзои оилаи истифодабарандаи хонаи истиқоматӣ эътироф кардан ва маскун намудан ба он ба суди ноҳияи Ш. санаи 13 сентябри соли 2023 муроҷиат кардааст. Санаи 12 декабри соли 2023 бо хабарномаи судӣ тарафҳо ба маҷлиси суд ба рӯзи 12 декабри соли 2023 даъват карда шуда, бо таъиноти маҷлиси судӣ аз 12 декабри соли 2023 аризаи даъвогии мазкур бе баррасӣ мононда шудааст.

Мувофиқи талаботи қисми 2 моддаи 115 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони иштирокчии парванда, инчунин намояндаҳо даъват (хабарнома) бояд тарзе супурда шавад, ки онҳо барои саривақт ҳозир шудан ба суд ва омодагӣ ба парванда вақти кофӣ дошта бошанд, аммо хабарнома дар ҳар ҳолат на дертар аз се рӯз то оғози маҷлиси судӣ дастраси онҳо гардад.

Зимни омӯзиши парвандаи зикргардида муайян гардид, ки судяи суди ноҳияи Ш. хабарномаи судиро ба М.О.Ю. ва М.А. се рӯз пеш аз оғози маҷлиси судӣ насупорида, пас аз гузаштани 89 рӯз аризаи даъвогиро бо мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи қонун бе баррасӣ монондааст. Ин камбудӣ ҳамчун вайрон кардани талаботи қисми 2 моддаи 115 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Тибқи муқаррароти банди 5 моддаи 227 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар тарафҳо дар ғоибии онҳо баррасӣ намудани парвандаро хоҳиш накарда бошанд ва баъди дубора даъват намудан низ ба суд ҳозир нашуда бошанд, ин ҳолат асос барои бе баррасӣ монондани ариза шуда метавонад.

Бо татбиқи ин меъёри қонун бе баррасӣ монондани аризаи даъвогӣ танҳо дар сурати саривақт ва ба таври дахлдор огоҳ кардани тарафҳои баҳс аз вақту маҳалли баррасии парванда ва мавҷуд будани шартҳои дар боло зикргардида иҷозат дода мешавад. Муайян карда шуд, ки судяҳо ҳангоми бе баррасӣ монондани аризаҳои даъвогӣ талаботи меъёри мурофиавии зикргардидаро на ҳамеша риоя кардаанд.

Чунончи, бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Ҳ. аз 9 ноябри соли 2023 аризаи даъвогии М.Ҷ.З. бо ҷавобгарии А.М. ва А.З.М. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ бе баррасӣ мононда шудааст.

Аз маводҳои парванда бармеояд, ки судя ба тарафҳои баҳс ягон маротиба хабарномаи судӣ ирсол накарда, онҳоро ба таври дахлдор тибқи талаботи моддаҳои 117-118 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мурофиаи судӣ даъват накардааст. Дар чунин ҳолат таъиноти суди мазкур дар

борои бе баррасӣ монондани аризаи даъвогии М.Ҷ.З. бармаҳал ба ҳисоб меравад.

Мисоли дигар: Бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Ҳ. аз 3 июли соли 2023 аризаи даъвогии Ҳ.Х.Р. ва Х.М.И. бо ҷавобгарии Н.Д. ва Х.И.Э. дар борои аъзои оилаи молик эътироф ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ бо сабаби ба суд ҳозир нашудани тарафҳо бе баррасӣ мононда шудааст. Аз маводҳои парванда бармеояд, ки судя ба даъвогар Ҳ.Х.Р. хабарномаи судӣ ирсол накарда, номбурдаро ба таври дахлдор ба мурофиаи судӣ даъват накардааст.

Дар чунин ҳолат таъинот дар борои бе баррасӣ монондани аризаи даъвогии Ҳ.Х.Р. ба талаботи сархати 5 моддаи 227 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне бинобар такроран ба суд ҳозир нашудани тарафҳо мувофиқ намебошад.

Ё худ, айнан бо роҳ додан ба чунин камбудиҳо бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Ҳ. аз 6 июли соли 2023 аризаи даъвогии А.Ҳ.Ш. бо ҷавобгарии С.М.Ҳ. ва С.Ҳ.Ҳ. дар борои аъзои оилаи молик эътироф ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ бинобар такроран ба суд ҳозир нашудани тарафҳо бе баррасӣ мононда шудааст.

Бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри К. аз 31 августи соли 2023 аризаи даъвогии Ш.З.Қ. бо ҷавобгарии Қ.Б. ва Қ.Ш. дар борои аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ дар асоси сархати 5 моддаи 227 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне бинобар баъди даъвати дубора ба суд ҳозир нашудани тарафҳо, ки дар ғоибиашон баррасӣ кардани парвандаро хоҳиш накардаанд, бе баррасӣ мононда шудааст. Дар қабати парванда маълумот дар хусуси ба суд даъват намудани тарафҳо, аз ҷумла нусхаи дуюми даъватнома ё хабарномаи судӣ мавҷуд нест.

Ҳол он ки тибқи муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи 115 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони иштирокчии парванда, инчунин шоҳидон, коршиносони судӣ, мутахассисон ва тарҷумонҳо ба суд ба воситаи мактуби супоришӣ бо огоҳонидан оид ба супоридани он, ба воситаи даъвати судӣ бо огоҳонидан оид ба супоридани он, ба воситаи телефонограмма ё телеграмма, ба воситаи алоқаи факсималӣ ё бо воситаи дигари алоқа ва дастраскунӣ, ки супоридани хабарнома ва даъвати судӣ ва супоридани онро ба шахси қабулкунанда сабт мекунад, хабардор ё даъват карда мешаванд.

Ба шахсони иштирокчии парванда, инчунин намояндаҳо даъват бояд тарзе супурда шавад, ки онҳо барои саривақт ҳозир шудан ба суд ва омодагӣ ба парванда вақти кофӣ дошта бошанд, аммо хабарнома дар ҳар ҳолат на дертар аз се рӯз то оғози маҷлиси судӣ дастраси онҳо гардад.

Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 18 марти соли 2022 қабул гардидааст, аз 1 сентябри соли 2022 мавриди амал қарор дорад. Тибқи талаботи моддаи 138 Кодекси мазкур баҳсҳои манзилии пас аз 1 сентябри соли 2022 бавуҷуд омада бо тартиби Кодекси мазкур ҳал карда мешаванд.

Ҷамъбастӣ нишон дод, ки дар баъзе мавридҳо судяҳо амали меъёрҳои Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки санаи 18 марти соли 2022 қабул гардидааст, мадди назар карда, ҳангоми ҳал намудани баҳсҳои манзилии пас аз 1 сентябри соли 2022 бавуҷуд омада, саҳван меъёрҳои Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 12 декабри соли 1997 татбиқ кардаанд, яъне дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ҳангоми ҳалли баҳсҳо ба хатогӣ роҳ додаанд.

Масалан, шаҳрванд Қ.М.Х. бо ҷавобгарии А.Х., А.С.Х. дар бораи аъзои оилаи соҳибмулк эътироф ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ба суди шаҳри Ҳ. санаи 2 октябри соли 2023 муроҷиат карда, асос овардааст, ки бо А.С.Х. соли 2017 оиладор шуда, соҳиби як нафар фарзанд гардида, то соли 2023 дар хонаи истиқоматии А.Х. воқеъ дар суроғаи шаҳри Ҳ., Ҷамоати шаҳраки Ш., маҳаллаи К. зиндагонӣ кардааст. Аз ин рӯ, Қ.М.Х. аз суд хоҳиш кардааст, ки ӯ бо ҳамроҳии фарзанди ноболиғаш ба ин манзили истиқоматӣ маскун карда шаванд. Аз мазмуни аризаи даъвогии Қ.М.Х. ва баёнотҳои дигар тарафҳои баҳси мазкур бармеояд, ки муносибати манзилӣ ва оилавии онҳо аз соли 2017 то соли 2023 давом кардааст, вале раисикунандаи парванда дар ҳалномаи суди шаҳри Ҳ. аз 28 ноябри соли 2023 ба ҷойи дастрас кардани талаботи моддаҳои Кодекси манзили аз 1 сентябри соли 2022 амалкунанда (моддаҳои 24-25 КМ), саҳван моддаҳои Кодекси манзили аз 12 декабри соли 1997 амалкунанда (моддаҳои 121-122 КМ)-ро татбиқ кардааст, ки ин ҳолат аз ҷониби раисикунандаи парванда татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ мебошад.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 198 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад.

Дар аризаи даъвогиаш С.Ш.Н. аз суд пурсидааст, ки ӯро бо 3 нафар фарзандонаш аъзои оилаи М.Ҷ. ва Ш.Ҷ.М. ҳисобида, дар манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Б., кӯчаи Н., хонаи №133 бо роҳи ба қайд гирифтан маскун карда шаванд.

Аз ҳалномаи суди шаҳри Б. аз 29 ноябри соли 2023 бармеояд, ки аризаи даъвогии С.Ш.Н. дар қисми аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ қаноатбахш карда шудааст, вале дар

қисми ба қайди манзили истиқоматӣ гузоштани даъвогар бо фарзандонаш қарор қабул нагардидааст.

Ин камбудии судя ҳамчун риоя накардани талаботи қисми 3 моддаи 198 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, яъне доир ба як талаби даъвои С.Ш.Н. ҳалнома қабул нагардидааст.

Мувофиқи муқаррароти қисми 8 моддаи 70 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд наметавонад ҳолатро исботшуда ҳисоб кунад, агар он танҳо бо нусхаи ҳуҷҷат ё дигар далели хаттӣ тасдиқ гардида, асли ҳуҷҷатҳо ба суд пешниҳод нашуда бошад.

Омӯзиши парвандаҳо зимни ҷамъбастӣ нишон дод, ки ҳолатҳои риоя нагардидани ин талаботи қонуни мурофиавии маданӣ аз ҷониби судяҳои судҳои шаҳрҳои Ҳ., Б., ноҳияҳои Р., Ш. ва М. ҷой доранд. Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби тарафҳо пешниҳодшуда дар шакли нусха қабул карда шуда, он ба нусхаи аслаш муқоиса ва саҳеҳии нусхаҳо ба таври дахлдор тасдиқ карда нашудаанд.

Ҳамчунин, зимни гузаронидани ҷамъбастӣ ҳолатҳое муайян карда шуд, ки парвандаҳо бо вайронкунии дигар меъёрҳои ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии маданӣ баррасӣ гардидаанд.

Чунончӣ, мувофиқи муқаррароти моддаи 63 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои парванда, ки бояд мутобиқи қонун бо воситаҳои муайяни исбот тасдиқ гарданд, бо ҳеҷ воситаҳои дигари исбот тасдиқ шуда наметавонанд.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият», шаҳодатномаи таваллуд то гирифтани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ба ҳисоб меравад, яъне шахсияти

он нафароне, ки шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро нагирифтаанд, мумкин аст танҳо дар асоси шаҳодатномаи таваллуд муайян карда шавад.

Бо ҳалномаи суди шаҳри К. аз 20 марти соли 2023 даъвои Р.М.К. бо ҷавобгарии В.Д.М. дар бораи аъзои оилаи молик донистан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ рад карда шудааст.

Омӯзиши маводи парванда нишон дод, ки Р.М.К. ба аризаи даъвогӣ ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти кӯдакаш Ш., таваллудаш 8 марти соли 2021-ро замима накардааст. Ба ҷойи ин, маълумотномаи тиббӣ дар хусуси таваллуд замима карда шудааст, ки аз он муайян намудани аслу насаби кӯдак (аз ҷумла падари кӯдак) ғайриимкон аст.

Натиҷаи ҷамъбастӣ нишон дод, ки зимни таҳияи санадҳои судӣ ва протоколҳои маҷлиси судӣ на дар ҳама ҳолат талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №268 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ карда шудааст, риоя мегардад. Дар матни протоколҳои маҷлиси суд ва санадҳои судӣ хатогиҳои мазмунӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Мутобиқ ба муқаррароти қисми 1 моддаи 5 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд парвандаи маданиро дар асоси аризаи шахсе, ки барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ муроҷиат кардааст, оғоз менамояд.

Аз муқаррароти қисми 1 моддаи 39 Кодекси мазкур бармеояд, ки қобилияти бо амали худ анҷом додани ҳуқуқи мурофиавӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои мурофиавӣ ва супоридани пешбурди парванда ба намоянда (қобилияти амали мурофиавии маданӣ) дар ҳаҷми пурра ба шаҳрвандоне, ки

ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидаанд ва ба шахсони ҳуқуқӣ марбут мебошад.

Қисми 1 моддаи 22 Кодекси мадании муқаррар намудааст, ки қобилияти шахси воқеӣ барои бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, барои худ ба миён овардани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (қобилияти амалкунии маданӣ) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне ҳангоми расидан ба синни ҳаждаҳ ба вуҷуд меояд.

Р.Б.О. бо аризаи даъвогӣ дар бораи аъзои оилаи молик донистан ва ба манзили истиқоматии ҷавобгарон Я.М.Қ. ва Я.Н.Қ. маскун намудани худ ва фарзандонаш ба суди шаҳри К. муроҷиат намудааст. Аз нусхаи шаҳодатномаи таваллуди се фарзанди даъвогар бармеояд, ки дар лаҳзаи ба суд муроҷиат намудан онҳо ба синни балоғат расидаанд.

Чунончи, И. таваллудаш 4 октябри соли 2000, И. таваллудаш 11 июни соли 2002 ва Ш. таваллудаш 30 майи соли 2005 мебошанд.

Ба ин ҳолатҳо нигоҳ накарда, бо таъиноти судя аз 31 майи соли 2023 аризаи даъвогӣ ба баррасии суд қабул ва бо он парвандаи оилавӣ оғоз карда шудааст. Ҳол он ки кӯдакони даъвогар Р.Б.О. бо сабаби ба синни 18 солагӣ расиданашон метавонистанд мустақилона бо чунин аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат намоянд, вале судяи суди шаҳри К. ин ҳолатро мадди назар кардааст.

Бояд қайд намуд, ки бархилофи муқаррароти моддаи 47 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор дар бораи вақт ва маҳалли баррасии парванда бо тариқи дахлдор огоҳ карда нашуда, масъалаи бе иштироки прокурор баррасӣ намудани парванда дар протоколи маҷлиси суд ва ҳалнома мавриди муҳокима қарор дода нашудааст.

Бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри К. аз 8 августи соли 2023 аризаи даъвогар дар бораи даст кашидан аз даъво қабул ва дар ин замина баррасии парвандаи оилавӣ бо даъвои Х.М.А. бо ҷавобгарии С.С.Ч. ва Р.М.Ҷ. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ қатъ карда шудааст.

Аз протоколи маҷлиси суд бошад бармеояд, ки гӯё тарафҳо доир ба парванда созиши оштишавӣ бастаанд. Раисикунандаи парванда ба онҳо оқибатҳои ҳуқуқии мурофиавии бастани созиши оштишавӣ ва бо ин асос қатъ гардидани баррасии парванда, инчунин оқибатҳои ногувори иҷро нагардидани шартҳои созиши оштишавиро тавзеҳ додааст.

Аз ҳолатҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки протоколи маҷлиси суд бо таъиноти маҷлиси судӣ мувофиқат намекунад.

Мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», ки аз моҳи июни соли 2021 мавриди амал қарор дорад, матни санадҳои судӣ, ба истисноı санадҳои судии дар қисми 5 ҳамин модда пешбинигардида, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо бо розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ дар сомонаи судҳо ҷойгир карда мешавад.

Тибқи талаботи сархатҳои 15 ва 16 моддаи 234 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар протоколи маҷлиси судӣ маълумот дар бораи ҷойгир намудани ҳалнома дар сомонаи суди дахлдор ҳангоми мавҷуд будани розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва санаи тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ зикр мегардад.

Аз ҷониби судяҳо ва котибони маҷлиси судӣ зимни тартиб додани протоколҳои маҷлиси судӣ ин талаботи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ аксаран риоя нагардидааст.

Тибқи муқаррароти моддаҳои 327 ва 361 Кодекси мурофиавии маданӣ мӯҳлати овардани шикоят ва эътирози кассатсионӣ ва хусусӣ аз ҳалнома ва таъиноти суд аз рӯзи ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парванда супоридани нусхаи ин санадҳои судӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Аз ин рӯ, дастхати шахсони мазкур дар бораи гирифтани нусхаи санади судӣ ҳуҷҷати расмии мурофиавӣ мебошад ва дар он ҳатман бояд санаи супоридани нусхаи санади судӣ дарҷ гардад.

Ҷамъбасти амалияи судӣ ошкор намуд, ки ин талабот дар судҳои ҷумҳурӣ на ҳама вақт риоя мегардад. Баъзан дар дастхатҳо санаи супоридани нусхаи санади судӣ ба тарафҳо дарҷ нагардидааст.

Чунин ҳолат зимни баҳисобгирии ҷараёни мӯҳлати овардани шикояти кассатсионӣ ва хусусӣ, муайян намудани санаи эътибори қонунӣ пайдо кардани санадҳои судӣ, иҷрои ҳалнома ва ғайра мушкилиро ба миён меорад.

Мутобиқи муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи 412 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ҳалнома, таъинот, қарори суд ё судя аз додани ҳуҷҷати дахлдори иҷро оғоз мешавад.

Суд ба ситонанда варақаи иҷроро баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома, таъинот ё қарор месупорад, ба истисноӣ ҳолатҳои иҷрои фаврӣ, ки ҳангоми он варақаи иҷро баъди баровардани санади судӣ фавран дода мешавад. Варақаи иҷро ба ситонанда супурда мешавад ё мутобиқи хоҳиши ӯ аз ҷониби суд барои иҷро бевосита ирсол мегардад.

Натиҷаи ҷамъбастӣ нишон дод, ки ин талаботи қонун аз ҷониби судяҳо на ҳама вақт дақиқан ба иҷро расонида шудааст.

Чунончӣ, бо ҳалномаи суди шаҳри Л. аз 14 июли соли 2023 даъвои К.Ш. бо ҷавобгарии У.Б. ва У.Ф. дар бораи аъзои оилаи молик донистан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ қонеъ карда шудааст.

Бо вуҷуди он ки ҳалнома эътибори қонунӣ пайдо кардааст, варақаи иҷро таҳия нагардида, барои иҷроиш ба ситонанда ё Хадамоти иҷро супорида нашудааст. Ҳуҷҷати тасдиққунанда дар ин хусус дар қабати парванда мавҷуд нест.

Чунин ҳолат дар парвандаҳои оилавӣ бо даъвои Т.М. бо ҷавобгарии Р.Б.Б. ва В.М. (ҳалномаи суди шаҳри Л. аз 11 июли соли 2023), бо даъвои К.З. бо ҷавобгарии Ф.М. (ҳалномаи суди шаҳри Л. аз 8 июни соли 2023), бо даъвои О.Г.Ҷ. бо ҷавобгарии Т.С. (ҳалномаи суди ноҳияи М. аз 21 сентябри соли 2023), бо даъвои М.А. бо ҷавобгарии М.С. ва С.С. (ҳалномаи суди ноҳияи М. аз 16 ноябри соли 2023), бо даъвои К.С.Қ. бо ҷавобгарии И.Д.Ҳ. (ҳалномаи суди ноҳияи Х. аз 4 сентябри соли 2023), бо даъвои Я.М.А. бо ҷавобгарии Д.Р.Д. ва Д.С.Д. (ҳалномаи суди ноҳияи Ф. аз 7 декабри соли 2023), бо даъвои Т.Ф.М. бо ҷавобгарии К.Ҷ. ва К.Ф.Ҷ. (ҳалномаи суди ноҳияи Ф. аз 15 ноябри соли 2023) ва дигар парвандаҳо муайян карда шуд.

Ҳамзамон, ягон маълумот дар бораи иҷроиши санадҳои судӣ дар маводҳои парванда бо даъвои Ю.Б.А. бо ҷавобгарии Х.З., Х.Д., Х.Ф.Д., аризаи даъвогии З.Ҳ.Б., С.Н.М. нисбат ба З.Б.Н. ва Ҳ.Ф. ва дигарон дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ мавҷуд нест.

Аз талаботи қисми 2 моддаи 54 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳангоми додани манзили истиқоматӣ дар як ҳуҷра маскун намудани шахсони гуногунҷинси аз 7 сола боло, ба ғайр аз зану шавҳар, манъ аст.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки талаботи меъёри ҳуқуқи моддии мазкур ҳангоми ҳалли баҳсҳо оид ба маскун кардани фарзандони гуногунҷинси аз 7 сола боло на ҳамеша риоя карда мешавад.

Масалан: Даъвогар А.С.М. бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат ва хоҳиш намудааст, ки ӯ бо чор фарзандаш ба манзили истиқоматии ҷавобгар Т.К.Р. ба ҳуҷраҳои 17,8 метри мураббаъ ва 14,1 метри мураббаъ маскун карда шаванд.

Бо ҳалномаи суди ноҳияи Ф. аз 7 сентябри соли 2023 суд даъвогар А.С.М.-ро бо чор фарзандаш, ки гуногунҷинс мебошанд, ба як ҳуҷраи манзили истиқоматӣ бо масоҳати 17,8 метри мураббаъ маскун карда, дар ҳалнома муҳокима карда нашудааст, ки бо кадом асосҳо суд даъвогарро бо чор нафар фарзандаш ба як ҳуҷраи зист маскун ва даъворо қисман қонеъ намудааст.

Ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки судяҳо даъвогарро бо як нафар фарзанди ноболиғ ба 2 ҳуҷраи зист, вале дар дигар ҳолатҳо бо 3 ё 5 нафар фарзанди ноболиғи гуногунҷинси аз 7 сола боло ба як ҳуҷраи манзили истиқоматӣ маскун карда, ин хулосаронии худро дар ҳалнома асоснок накардаанд.

Чунончи, бо ҳалномаи суди ноҳияи З. даъвои Ҳ.Ф.Ё. бо ҷавобгарии А.Б.Ҳ. ва А.Ш. қонеъ, даъвогар бо як нафар фарзандаш аъзои оилаи истифодабаранда А.Ҳ. эътироф гардида, ба манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи З., шаҳраки Ҳ., кӯчаи Н. ба ду ҳуҷраи андозаашон 16,50 метри мураббаъ ва 19,50 метри мураббаъ маскун карда шудаанд.

Судя дар қисми асосноккунии ҳалномаи судӣ муҳокима накардааст, ки бо кадом асосҳо даъвогар бо як фарзандаш дар ду ҳуҷраи манзили истиқоматӣ маскун карда мешавад ва дар ин ҳолат ҳуқуқҳои манзилии сардори хоҷагӣ ё дигар аъзоёни ин оила халалдор мегарданд ё не.

Ё худ, А.Н.А. бо ҷавобгарии С.М. ва С.И.М. дар бораи аъзои оилаи молик (истифодабаранда) эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ба суди ноҳияи Р. бо аризаи даъвогӣ муроҷиат ва хоҳиш намудааст, ки ӯ бо ду фарзанди ноболиғаш дар ду ҳуҷраи манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи Р., Ҷамоати шаҳраки М., деҳаи Р. маскун карда шаванд.

Суд даъворо қонеъ карда, муайян ва дар қисми асосноккунии ҳалнома муҳокима накардааст, ки манзили истиқоматӣ аз чанд ҳуҷраи зист иборат буда, аъзоёни оилаи молик аз чанд нафар иборатанд. Инчунин, муайян карда нашудааст, ки дар сурати ба ду ҳуҷраи зист маскун кардани даъвогар бо фарзандонаш, ба истифодабарии соҳибмулк ё дигар аъзои оилааш чанд ҳуҷраи дигар боқӣ мемонад ва оё ҳуқуқҳои манзилии онҳо халалдор мегардад ё не.

Омӯзиши парвандаҳо собит намуд, ки чунин камбудиҳо дар таҷрибаи суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон низ ба назар мерасанд.

Масалан, даъвогар Ҳ.Ш.Т. бо ҷавобгарии С.Ҷ. ва А.А.Ҷ. оид ба аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ бо даъво ба суд муроҷиат ва хоҳиш намудааст, ки ӯ бо чор фарзандаш дар манзили истиқоматӣ воқеъ дар ноҳияи В., Ҷамоати 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон, деҳаи И. ба ду ҳуҷраи масоҳаташон 15м2 ва 18м2 маскун карда шаванд. Аз нақшаи манзили истиқоматии мазкур бармеояд, ки он ҳамагӣ аз се ҳуҷра иборат аст.

Суд даъвогар Ҳ.Ш.Т.-ро дар ду ҳуҷраи манзили истиқоматии номбурда маскун намуда, муайян накардааст, ки якҷоя бо соҳибмулки манзили истиқоматии мазкур боз киҳо истиқомат мекунанд ва аъзоёни оилаи соҳибмулк аз чанд нафар иборат мебошанд, оё бо қабул кардани

ҳалномаи мазкур ҳуқуқҳои соҳибмулк ва дигар аъзоёни оила халалдор мегардад ё не.

Омӯзиши таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо нишон дод, ки баъзан ҳангоми баррасии парвандаҳо судяҳо ба кашолкорӣ роҳ дода, дар мухлатҳои пешбининамудаи қонун даъвоҳоро баррасӣ накардаанд, ки ин ҳолатҳо боиси пайдо гардидани норозигии тарафҳо гардидааст.

Масалан, парванда бо даъвои А.С.А. бо ҷавобгарии А.С.А. ва С.С. оид ба аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ санаи 2 сентябри соли 2022 ба суди ноҳияи В. ворид гардида, дар муҳлати зиёда аз 4 моҳ оид ба парванда ягон амалиёти мурофиавӣ гузаронида нашудааст.

Танҳо 9 январи соли 2023 аз ҷониби дигар судя парванда барои баррасӣ ба 12 январи соли 2023 таъин карда шуда, бо ин муҳлати баррасии парванда гузаронида шудааст.

Дар қабати парванда ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ва нақшаи манзили истиқоматӣ, ҳамчунин гузориш ё дархости судя оид ба ба дигар судя вогузор гардидани баррасии парванда ҷой надорад.

Ба ғайр аз ин, дар маводи парванда аризаи даъвогар А.С.А. дар бораи аз баррасии парванда дур кардани судя мавҷуд аст, ки судя вобаста ба ин ариза ягон қарор қабул накардааст.

Суд танҳо ба баёноти даъвогар маҳдуд шуда, номбурдаро ба манзили истикоматии воқеъ дар ноҳияи В., Ҷамоати шаҳраки К., деҳаи Қ. дар ҳуҷраи андозааш 3х6 м маскун намуда, зимнан муайян накардааст, ки оё дар суроғаи мазкур воқеан чунин андоза ҳуҷра ҷой дорад ё не.

Даъвогар А.Ф.М. бо аризаи даъвогӣ бо ҷавобгарии Ҷ.М.М. ва Ҷ.М.Т. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф

намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ санаи 17 ноябри соли 2022 ба суди ноҳияи В. муроҷиат ва хоҳиш намудааст, ки ӯ бо се фарзанди ноболиғаш аъзои оилаи Ҷ.М.М. эътироф карда шуда, ба ду ҳуҷраи манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи В., Ҷамоати шаҳраки К., кӯчаи Х. маскун карда шаванд.

Бо таъиноти маҷлиси судӣ аз 9 феврали соли 2023 бинобар аз даъво даст кашидани даъвогар ва онро қабул намудани суд, баррасии парванда қатъ карда шудааст.

Сипас, дар асоси аризаи даъвогар А.Ф.М. бинобар ҳолатҳои нав ошкоргардида бо таъинот аз 17 октябри соли 2023 таъиноти суд аз 9 феврали соли 2023 бекор карда шуда, тавсия дода шудааст, ки парванда бо тартиби умумӣ баррасӣ карда шавад, аммо то лаҳзаи гузаронидани ҷамъбастӣ доир ба парванда ягон амалиёти мурофиавӣ гузаронида нашуда, он баррасӣ нагардидааст. Аз ин бармеояд, ки пас аз бекор кардани санади судӣ ба ҷойи он ки моҳиятан мавриди баррасӣ қарор дода шавад, парванда ба бойгонии суд супорида шудааст.

Ба ин нигоҳ накарда, он ҳамчун парвандаи баррасигардида барои гузаронидани ҷамъбастӣ ба Суди Олӣ ирсол карда шудааст.

Натиҷаи ҷамъбастӣ нишон дод, ки зимни таҳияи санадҳои судӣ ва протоколҳои маҷлиси судӣ на дар ҳама ҳолат талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №268 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ карда шудааст, риоя мегардад. Дар матни протоколҳои маҷлиси суд ва санадҳои судӣ хатоиҳои мазмунӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Протоколҳои маҷлиси суд ба талаботи моддаҳои 234-235 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳама вақт ҷавобгуй

мебошанд, ки ин камбудиҳо дар оянда бояд ислоҳ карда шаванд.

Масалан, дар протоколи маҷлиси судӣ доир ба парванда бо даъвои Ф.М. бо ҷавобгарии Ю.Ю.Ҷ. ва Ю.Ҷ. оид ба аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, маълумотҳои вобаста ба шахсияти тарафҳо ва баёноти шахсони иштирокчии парванда нопурра дарҷ гардида, он ба баёноти дар ҳалнома дарҷардида мутобиқат намекунад.

Протоколи маҷлиси суд ба талаботи моддаҳои 234 ва 235 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат накарда, дар он имзои раисикунандаи парванда гузошта нашудааст.

Мисоли дигар, мувофиқи протоколи маҷлиси судӣ доир ба парванда бо даъвои Р.У.М. нисбат ба Р.И. оид ба аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, баррасии парванда бинобар тасдиқ намудани созиши оштии тарафҳо қатъ карда шуда бошад ҳам, протоколи маҷлиси судӣ нопурра тартиб дода шуда, дар он имзои раисикунандаи парванда гузошта .

Инчунин, дар протоколи маҷлиси судӣ аз 13 июли соли 2023 марбут ба парванда бо даъвои С.М.Қ. бо ҷавобгарии С.Ҷ.С. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, номи котиби маҷлиси судӣ ислоҳ карда шуда, аммо ислоҳоти даровардашуда тасдиқ карда нашуда, дар протокол имзои котиби маҷлиси судӣ мавҷуд нест.

Ё худ, мувофиқи протоколи маҷлиси судӣ вобаста ба парванда бо даъвои Ш.З.М. бо ҷавобгарии Ш.С. ва Ш.З.Ҷ. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, парванда бо иштироки тарафҳо баррасӣ гардидааст.

Дар ҳалномаи суд бошад, баёноти ҷавобгар Ш.С. дарҷ гардида, дар протоколи маҷлиси судӣ баёноти ӯ

навишта нашудааст. Дар парванда оид ба иҷрои санади судӣ ягон маълумот ҷой надорад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи гузаронидани ҷамъбастӣ муайян гардид, ки гарчанде ҳангоми ҳалли баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молик (истифодабаранда, сардори хоҷагӣ) эътироф кардан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ дар умум судҳо меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавиро риоя намуда бошанд ҳам, вале ҷиҳати татбиқи дақиқи қонун ва ба роҳ мондани амалияи ягонаи судӣ дар ин самт, инчунин бартараф намудани камбудиҳои зикргардида бояд кӯшиш ба харҷ дод.

Бо назардошти асосҳои дар боло овардашуда ва бо мақсади ислоҳи камбудиҳои зикргардида,

**П Е Ш Н И Ҳ О Д   К А Р Д А   М Е Ш А В А Д:**

Натиҷаи ҷамъбасти амалияи судии баррасии парвандаҳои оилавӣ вобаста ба баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба хонаи истиқоматӣ дар машғулияти семинарии судяҳо мавриди муҳокима қарор дода, диққати судяҳо ба камбудиҳои мазкур ҷалб карда шавад.

Ба судяҳо зарур аст, ки баҳри бартараф намудани камбудиҳои зикргардида, таъмини баррасии саривақтии ин гурӯҳи парвандаҳо, бо риояи қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқҳои моддию мурофиавӣ таҳия намудани санадҳои судӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои оилавии Суди Олӣ**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН АСОСИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

Соли 2024 дар мамлакат бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардид. Пешниҳоди дахлдор зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардонида шуд.

Дастур дода шуд, ки тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираю имкониятҳоро ҷиҳати таъмини тартибот ва волоияти қонун барои соли 2024, ки 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад».

Маърифати баланди ҳуқуқӣ - ин риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва риоя намудани қонунро дар назар дорад. Шахсе, ки дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ бошад бар зидди назари равандҳои ҷамъиятӣ набуда, балки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза марҳилаи нави тараққиёт ва пешрафтро паси сар карда истодааст, ки бо назардошти ин муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба танзими ҳуқуқӣ дошта, ҷомеа ба тарбияи ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад. Аз ин ҷост, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, асоси бунёди

ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳад, ки он бешубҳа аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бе инкишофи тарбия ва фарҳанги ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Зеро ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд ҷавҳари ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, волоияти қонун ва низоми муайяни ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Ҳар як фарди ҷомеа бояд зарурати риояи бечунучарои қонунро амиқ дарк намояд, риоя ва эҳтироми қонун бояд ба одати ҳар як шаҳрванд табдил ёбад. Сарвари давлат мегӯянд: «Мамлакате, ки дар он қонунро риоя ва эҳтиром намекунанд, рӯ ба таназзул меорад». Яъне, ҳар қадар дар ҷомеа тартиботи ҳуқуқӣ дуруст риоя шавад, ҳамон андоза ин кишвар ба пешрафт муяссар мегардад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар амал татбиқ мегардад. Ба қавли файласуфи Рими қадим Ситсерон: «Агар хоҳи озод бошӣ, пас ғуломи қонун бош»

Бояд тазаккур намуд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва нахустдараҷаи кишварҳое маҳсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтаанд. Дар нахустин моддаи Конститутсияи кишвар хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Арзишҳои номбурда собит месозанд, ки давлат дар пояи қонун ва ҳуқуқ бунёд ёфта, рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зич дорад.

Мақсад аз баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тарғиби арзишҳои демократӣ, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он мебошад, зеро мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр,

демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона аст, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ низ эҳтиром гузошта мешавад.

Умуман, дар ҷаҳони муосир дониши ҳуқуқӣ на танҳо барои ҳуқуқшиносон, балки барои ҳар як шаҳрванд зарур аст. Донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ ба шахс имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро ҳифз намуда, аз низоъҳо канорагирӣ намояд ва дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ бештар мустақилу озод бошад.

**Раиси коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои оилавии Суди Олӣ**
**Ҳаким Рухшона Аскар**

# НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад, таъкид доштанд Президенти кишвар дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 28 декабри соли 2023 ироа гардид. Ҳамчунин дар ҳамин Паём Сарвари давлат вобаста ба 30- солагии қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар ҳаёти ҷомеа таъкид намуда, чунин иброз доштанд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем».

Лозим ба ёдоварист, ки бо қабули Конститутсия мардуми шарифи Тоҷикистон бори аввал мустақилона низоми давлатдории миллӣ, роҳи зиндагиву давлатдории худро барои оянда интихоб намуд.

Дар ин замина, ба ифтихори 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Роҳбари давлат соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Аз ин лиҳоз бояд қайд кард, ки маърифати ҳуқуқӣ ин маҷмӯи донишҳо дар бораи Конститутсия ва қонунҳо, арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ, олиҳимматӣ ва ростиву адолат мебошад.

Ҷавҳари маърифати ҳуқуқии миллатро, бешубҳа, Конститутсия ташаккул медиҳад, ки он ҳамчун қонуни асосии кишвар арзиши олии ҳуқуқӣ дорад ва дар навбати

худ ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат медиҳад.

Дар Конститутсия арзишҳое дарҷ гардидаанд, ки мазмун ва моҳияти «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ифода менамоянд. Меъёрҳои конститутсионӣ ба монанди арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, дахлнопазир будани ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон, аз ҷониби давлат кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва ғайра дар умум ҷавҳари «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ташкил медиҳанд.

Асоси маърифат дониш аст ва инсон вақте дониш дорад, аз қонун огоҳ аст, онро хубтар дарк намуда, риоя менамояд ва ҳеҷ гоҳ ҳуқуқи касеро поймол намекунад ва метавонад ҳуқуқи худро ҳифз намояд.

Боиси қайд аст, ки Конститутсия дар баробари ҳуқуқу озодиҳо, инчунин вазифаҳоро пешбинӣ кардааст, аз ҷумла ҳар як шахсро вазифадор намудааст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шахс дониста шудааст.

Надонистан ё худ ноогоҳӣ аз ҳуқуқҳо ва вазифаҳои худ мувофиқи Конститутсия ба ақибмонии иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар дилхоҳ мамлакат сабаб мешавад. Ҳар қадар маърифати ҳуқуқии ҷомеа баланд бошад, низом ва тартибот ҳамон қадар мустаҳкам гардида, он асоси ҳуқуқбунёд будани чунин давлатро ифода менамояд.

Яке аз мақсадҳои эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» бахшида ба 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин пеш аз ҳама бо мақсади баланд бардоштани фарҳанг, шуур ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, пешгирӣ намудани шомилшавии наврасону ҷавонон ба гуруҳҳои экстремистию террористӣ, бедор намудани ҳисси миллии ҷавонон барои ҳимояи марзу буми кишвар ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон баҳри риояи қонунҳо, коҳиши сатҳи ҷинояткорӣ ва таъмини зиндагии осоишта мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ ба шаҳрванд имкон медиҳад, ки ҳувияти шаҳрвандӣ, мавқеи устувори сиёсии худро ташаккул диҳад, ҳуқуқу вазифа ва уҳдадорию масъулияти шаҳрвандиашро шиносад, аз амалҳои халалдоркунандаи тартиботи ҷамъиятӣ ва қонуният худдорӣ намуда, дар пешгирии содиршавии чунин амалҳо саҳм гузорад.

Аз ин нуқтаи назар, маърифати ҳуқуқиро метавон ҳамчун василаи муҳимми таъмини волоияти қонун, пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар ҷомеа номид. Маҳз маърифати баланди ҳуқуқӣ метавонад моҳияти калидии пешгирикунандаи амалҳои номатлуб бошад.

Тавре Пешвои муаззами миллат доимо таъкид месозанд, «вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем.

Аз ин рӯ, ба ҳар як сокини Тоҷикистон, аз ҷумла судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо зарур аст бо ҳисси

масъулияти баланди ватандориву ифтихор аз меҳани худ, дар рӯҳияи риояи меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо барои рушди Тоҷикистони азиз саҳмгузор бошем. Баҳри баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи маърифати ҳуқуқӣ, рафтор, гуфтор, эҳтиром нисбат ба қонун тамоми чораҳои имконпазирро истифода намоем.

**Судяи Суди Олӣ**
**Комилзода И.С.**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – АСОСИ РУШДИ ҶОМЕАИ ҲУҚУҚБУНЁД ВА НАҚШИ СУД ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Паёми Пешвои миллат яке аз руйдодҳои муҳим арзёбӣ мегардад, зеро ин санади сарнавиштсоз, кору фаъолияти ҳаряки моро муаррифӣ намуда, самту роҳи расидан ба зинаҳои нави рушдро равшан месозад.

Ҳар сол, дар ҳар паём аз ҷониби Сарвари давлат вазифаҳои тақдирсози нав ба нави баландарзиш гузошта мешавад, ки имруз моро ба марҳилаҳои шукуфоӣ ва ободонӣ ҳидоят менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 28 декабри соли 2023 бори дигар аҳамияти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолии кишварро таъкид намуда, чунин қайд доштанд: «Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад».

Маҳз ҳамин нуктаро ба инобат гирифта Пешвои муаззами миллат соли 2024-ро ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ин иқдоми Сарвари кишвар сариваќтӣ ва муҳим ба шумор рафта, бахри дар баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии сокинон бахусус ҷавонони мамлакат нақши бисёр муҳим дорад. Махсусан дар даврае, ки тамоми ҷаҳонро танишҳои гуногуни ҳарбиву сиёсӣ ва геополитикӣ фарогир буда, ин гуна «бозиҳои сиёсӣ»-и қудратхоҳони ҷаҳонӣ ба ҳастии кишварҳои миллӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд, баланд

бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бисёр муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти аҳолии мамлакатро ҷавонону наврасон ташкил менамояд. Ҳарчанд ҳуқуқ ҳамчун предмети таълимӣ дар муассисаҳои миёна ва баъдан дар макотиби олӣ таълим дода шавад ҳам, вале сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар то ҳол ба талаботи ҷомеаи мутамаддин ҷавобгӯ нест. Омили асосии онро маҳз рӯз ба рӯз ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тағйирот дар низоми қонунгузории кишвар ташкил менамояд. Аз ин ҷост, ки донистан ва аз худ намудани ҳуқуқҳои аввалини инсон ва махсусан ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд аз вазифаи асосии ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Мақсад аз ҳадафи асосии сиёсати ҳуқуқии кишвар қарор гирифтани масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон низ дар робита бо расидан ба ҳадафу мақсадҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, аз ҷумла баҳри дар амал татбиқ намудани арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд аз қабили волоияти ҳуқуқ ва қонун ба ҳисоб меравад.

Дар ин самт нақши фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» бомаврид, сариватӣ ва назаррас ба ҳисоб мерафт. Зеро, худи ҳамон сол ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқаррароти фармони мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» қабул гардид.

Инчунин, қарори мазкур тасдиқ ва қабули Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии

Тоҷикистонро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккули ҳисси масъулият ва эҳтиром нисбат ба қонунҳо, дарк кардани ягонагии ҳуқуқ ва вазифаҳо, тайёрии ҳуқуқуқии кормандони роҳбарикунанда пешбинӣ намуд.

Аз ин ҷо, хулоса намудан мумкин аст, ки барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд танҳо дар сурати баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокӣ, маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти роияи бечунучарои қонунгузории кишвар имконпазир аст.

Баъдан, боз мақсади боз ҳам ҳисси масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба қонун, бардоштани сатҳи маърифати донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишвар, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини фаъолнокии сиёсии аҳолии ҷумҳурӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 29 апрели соли 2009 №253 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» - ро қабул намуд.

Баҳри расидан ба ҳадафҳои зерин аз қабили баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла, кӯдакону наврасон, ҷавонону донишҷӯён инчунин баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии роҳбарон ва кормандони муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ новобаста аз шакли моликият, кормандони мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, истифодаи самараноки васоити ахбори умум ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, ҷалби шаҳрвандон ба корҳои ҳуқуқӣ, тарғиби ғояҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, мусоидат ба аҳолӣ бобати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ дар ҳамбастагӣ бо

мақомоти давлатӣ аз ҷумла Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ба даст овардани маълумоти дақиқ ва мушаххас дар бораи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои аҳолӣ, мукаммал намудани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, ба таълим ва тарбияи хуқуқӣ фаро гирифтани тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ бо дарназардошти синну сол, касб ва дигар хусусиятҳо дар заминаи нақшаҳои дарозмуддати чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва коркард ва татбиқи шаклҳои нави таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намуд.

Бо ба итмом расидани муҳлати амалӣ Барномаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаи баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро меҳвари асосии сиёсати ҳуқуқии худ қарор додааст, аз 27 ноябри соли 2019, №599 бори севвум «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2030» қабул ва мавриди амал қарор дод.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқубунёд бе робитаи устувори шаҳрвандони он дар самти риояи ҳуқуқ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро дар ин раванд иштироки шаҳрвандон дар амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳо ва вазифахои худ хеле муҳим мебошад.

Аммо, мутаассифона, мо имрӯзҳо шоҳиди иттилооту ҳодисаҳое низ мегардем, ки шаҳрвандони ҷумҳурии мо бахусус ҷавонони кишвар, киояндасози давлату миллатанд, дидаю дониста даст ба ҷиноят зада қонуният ва тартиботи ҳуқуқию ҷамъиятиро дағалона вайрон менамоянд, ки он яке аз омилҳои асосии нишон додани маърифати пасти ҳуқуқии онҳо маҳсуб меёбанд.

Мувофиқи таҳлилҳои равоншиносон ва коршиносону мутахассисони соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ, заминаи асосии ташаккули ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолии мамлакат ташкил менамояд. Маҳз тавассути баланд бардоштани саводнокӣ, дарк, тафаккур ва маърифати ҳуқуқӣ метавон дар замири аҳолӣ маданияти ҷомеаи демократиро бедор намуд ва бо ин ба ҳадафи муҳимтарини бунёди ин ҷомеа ноил гардид. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи аврупоӣ ва ғарбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳз донистани уҳдадориҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва дарки масъулият нисбати иҷрои онҳо метавонад, давлатҳоро ба рушди аркони давлатдорӣ расонида бошад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати тозаистиқлол аллакай дар давраи қабули Конститутсияи муосири худ бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳисобида буд. Бо ин Ҳукумати кишвар эълон намуд, ки дар кишвар ҷомеаи худогоҳ ва соҳибихтиёрро тарбия намуда, дар таъмини адолати иҷтимоӣ саҳми муносиби худро мегузорад. Хушбахтона, давоми муддати зиёда аз сӣ соли соҳибистиқлолии кишвар ҳамаи заминаҳои меъёриву ҳуқуқии давлатдории миллӣ таъмин гардида, дар мамлакат як қатор санадҳои зарурӣ, ки ҳаёти ҷамъиятиву сиёсиро ба танзим медарорад, қабул карда шуд.

Бо қабули ҳамаи заминаҳои ҳуқуқии пешбурди фаъолияти рӯзмарраи ҷамъият дар кишвар зарур шуморида мешавад, ки барои таъмини риояи беҳтари ин қонунҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дуҷонибаи давлату шаҳрвандон бояд дар кишвар сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва маърифати риояи ҳуқуқӣ боло бардошта шавад. Бояд гуфт, ки бе ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ риояи талаботи қонун ва

дарки моҳияти ҳуқуқу ӯҳдадориҳо аз ҷониби шаҳрвандон ғайриимкон мебошад.

Дар маҷмӯъ, эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» метавонад сабабу омилҳо ва мақсади зеринро доро бошад:

- пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии аҳолии кишвар, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ дар байни аҳолӣ кам ва боиси ташаккули аркони ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ гардад;

-пешгирии ҷавонон ва наврасон аз даст задан ба амалҳои номатлуб, шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ;

- баланд бардоштани таваҷҷуҳи ҷавонон ба таҳсил, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, зиёд намудани озмунҳои мухталифи соҳавӣ ва афзоиш додани иштироки ҷавонон дар маҳфилҳои мазкур;

-баланд гардидани саводи сиёсӣ, ҷаҳонбинии навли наврас ва маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат дар раванди қабули қонуну санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ, бо воситаи вакилони худ иштирок намудан дар идоракунии кишвар ва талаб намудани ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби аҳолӣ, ки тантанаи арзишҳои демократиро дар кишвар таҷассум намояд;

- ба мақомоти қонунгузории кишвар дар роҳи фаъолияти минбаъда ва муайян намудани самтҳои асосии таҳкими низоми қонунгузорӣ;

- бедории ҳисси миллии ҷавонон дар самти ҳимояи марзу буми кишвар;

- муносибатҳои дуҷонибаи давлат ва шаҳрвандон, риояи вазифаву уҳдадориҳои дуҷонибаи миёни онҳо, иштироки бевоситаи давлату мақомотҳои он ва аҳолӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ.

-зиёд намудани теъдоди оилаҳои солим ва пешгирӣ намудани барҳамхӯрии оилаҳои ҷавонон;

- таваҷҷуҳ ба муҳоҷирони меҳнатӣ бо роҳи пешгирии поймолшавии ҳуқуқи онҳо дар кишварҳои муҳоҷират.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест ё худ фақат мазмуни ҳуқуқӣ надорад, балки бо маҷмуи арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои дар таърихи мавҷудияти миллат исботшуда робитаи ногусастанӣ дорад.

Қайд кардан бамарид аст, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши суд низ назаррас аст. Зеро, судяҳо мувофиқи нақшаҳои кории дохилиидоравӣ вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ вохӯриҳои судманд доир намуда, ҳамаи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва дигар ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо фаҳмонида мешавад. Ғайр аз ин, дар рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳо чоп мешаванд. Ҳамзамон, бо иштироки фаъолони шаҳр ва деҳот мурофиаҳои сайёри судӣ гузаронида мешавад. Дар баробари ин, судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо дар телевизиону радиоҳо вобаста ба мавзӯи баланд бардоштани маърифатӣ ҳуқуқӣ баромадҳо мекунанд. Инчунин судяҳо дар барномаи «Мурофиа» иштирок намуда, вобаста ба масъалаи мазкур мурофиаҳои судии саҳнавӣ омода мекунанд, ки дар телевизионҳо пахш мешаванд.

Чораҳои гуногун ва барномаҳои давлатие, ки давоми соли оғозгардида дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд, бевосита дар иҷрои вазифаҳое, ки дар боло қайд карда шуд, саҳми муносиб гузошта, бори дигар демократия дар Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати

миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардидаро ба ҷомеаи ҷаҳон муаррифӣ менамояд.

**Судяи Суди Олӣ**
**Ғуломзода И.Ш.**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯ ВА ҚОНУНҲОИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ, баъд аз ҳазор соли дур аз идоракунӣ, баъд аз ҳама зулму бедодгариҳои шоҳону амирони золиму зулмпешаи давлатҳои дигар, баъд аз чандин соли ғуломиву бечорагӣ миллати тоҷик ба шарофати фарзандони фарзонаю барӯмандаш ва ватандӯсту фидоияш боз дубора соҳиби давлат ва аркони давлатдорӣ гардида, 9-сентябри соли 1991 бо дарназардошти анъанаву суннатҳои таърихии аҷдодӣ ва бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои мутамаддину пешрафта Истиқлолияти худро ба даст дароварда, расман дар ҷомеаи ҷаҳонӣ хамчун субъекти комилҳуқуқ баромад намуд. Бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон давлати навбунёд набуда таърихи чандинҳазорсола дорад. Давлати мутамаркази тоҷикон Сомониён ба ҳисоб меравад, ки сохти давлатдории барои ҳамон замона хеле пешрафта дошт. Лекин дар натиҷаи мухолифатҳои дохилӣ ва таҳти таъсири як қатор омилҳои дигар шикаст хӯрд.

Таърихи мамолики гуногун борҳо собит сохтааст,ки раванди бунёди давлату давлатдорӣ мушкил ва хеле пуртазод буда, ҳар як марҳилаи инкишофи он хусусиятҳои хоси худро дорад. Ин марҳилаҳо метавонад орому сокит ва ё баръакс муташанниҷу ноором ҷараён гирифта, хатарҳои бузургро дар роҳи мавҷудияти минбаъдаи давлат эҷод намоянд. Маҳз аз ҳамин сабаб бисёр миллатҳо аз давлатдории миллии худ бенасиб гашта, фарҳангу забони худро ба нестӣ дода дар маҷрои пурталотуми таърих симои миллиашонро гум кардаанд. Зеро натавонистанд имконияти таърихиеро,ки баҳри пойдории онҳо фароҳам омада буд мақсаднок истифода баранд, имконияте ки на ҳама вақт муяссар гаштанаш мумкин аст.

Аз соли 1991-соли бунёдӣ ва давраи шукуфоии Тоҷикистон оғоз гардид. Барои дар сатҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровардани соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон давлатро зарур буд Конститутсияи миллии худро қабул намояд, зеро давлати соҳибистиқлол наметавонад ҳаёти сиёсии худро тавассути Конститутсияи пешина, ки дар он хусусияти тобеиятӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ ба назар мерасид, идора намояд, аз тарафи дигар муносибатҳои нави сиёсии ҷомеа тақозо мекарданд то дар мамлакат Конститутсияи нав қабул гардад. Бо ин мақсад аз тарафи Президенти кишвар Қаҳҳор Маҳкамов ва баъдан аз тарафи Раҳмон Набиев Комиссия оид ба тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи нав созмон дода шуд, ки мутассифона вазъи номусоиди сиёсии кишвар имкон надод то Комиссияхои мазкур ба натичаи мусбат ноил гардад, зеро дар назари аввал чунин менамуд, ки ҳокимияти сиёсӣ мувофиқи талаботи демократия, барқарор ва суботи сиёсӣ дар кишвар таъмин шудааст, аммо муқовимати сиёсӣ хеле авҷ гирифта, таъсиси Ҳукумати муросои миллӣ, силсилаи зӯровариҳо ва фишорҳо ба сарвари давлат ва вакилони халқ, ниҳоят задухӯрдҳои дохилӣ оқибат боиси сар задани ҷанги гражданӣ гардиданд. Паст будани фарҳанги сиёсии ҷомеа, надоштани таҷрибаи давлату давлатдорӣ, ба ҳисоб нагирифтани хусусиятҳои давраи нави инкишоф, боло гузоштани манфиатҳои умумимиллию умумидавлатӣ ва дахолати қувваҳои манфиатдори беруна кишвари тозаистиқлоли моро ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ тела доданд.

Барои Тоҷикистонро аз вартаи ҷанг баровардан, миллатро сарҷамъ намудан ва халқро ба сулҳу оромӣ даъват намудан шахсе лозим буд, ки ҳамаи ин масъулияти таърихиро бар дӯши худ гузораду Истиқлолиятро ҳифз карда тавонад ва манфиати давлату миллатро болотар аз манфиатҳои шахсӣ гузорад. Хушбахтона ноябри соли 1992

дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии кишвар ба кори худ шурӯъ намуд, ки 19-ноябр дар Иҷлосияи мазкур масъалаи интихоби Сарвари давлат гузошта шуда, Эмомалӣ Раҳмон аз байни вакилони ҳузурдошта ҳамчун раиси Шӯрои Олӣ ва ҳамзамон Сарвари давлат интихоб гардиданд. Маҳз дар чунин вазъияти мушкили ҳассоси сиёси Эмомалӣ Раҳмон масъулиятро барои ояндаи давлату миллати тоҷик ба зиммаи худ гирифта, кафили таъмини сулҳу осоиш ва пойдории давлат гардид. Сарвари кишвар аз рӯзҳои аввали ба вазифаи худ шурӯъ намудан хеле хуб дарк мекарданд, ки фазои ҳуқуқии кишвар рӯ ба фалаҷ овардааст ва барои мукаммал гардонидану дар сатҳи ягона ба танзим даровардани системаи ҳуқуқии кишвар, ҳамзамон барои халосӣ аз вартаи ҷанги шахрвандӣ ва ба даст овардани созиши миллӣ пеш аз ҳама қабули Конститутсияи нав лозим ва аввалиндараҷа буд, зеро то ин замон системаи ҳуқуқии замони Шӯравӣ ки дар Тоҷикистон амал мекард моҳияти сирф мафкуравӣ дошта ба танзими муносибатҳои сиёсии нави ҷомеа ҷавобгӯ набуд, аз тарафи дигар ҷараёни демократикунонии ҷомеа тақозо мекард то халқ дар сарнавишти ояндаи худ бевосита ширкат варзида дар ҳалли тақдири оянлаи худ бетараф набошад. Дар ин асос соли 1994 аз тарафи раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсия ташкил шуда, назорат ва сарварии он бевосита ба ӯҳдаи Раиси Шӯрои Олии кишвар гузошта шуд.Ба ҳайати комиссия олимон, профессорон ва мутахассисони соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ҷалб карда шуда, онхо ӯҳдадор гаштанд то дар мӯҳлатҳои нисбатан кӯтоҳ лоиҳаи Конститутсияи навро омода намоянд. Комиссияи мазкур тамоми таҷриба ва донишҳои худро барои тайёр намудани лоиҳаи мазкур сафарбар намуда, дар ҷараёни иҷроиши вазифаи худ аз таҷриба ва Конститутсияҳои давлатҳои

пешрафтаи ҷахон ва фикру мулоҳизаҳои халқ истифода карда, дар мӯҳлатҳои пешбинигардида лоиҳаро омода намуд ва ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуд. Лоиҳаи мазкур аз ҷониби халқ хеле хуб дастгирӣ ёфта, фикру мулоҳизаҳои эшон дар бобати баъзе аз меъёрҳои он пешниҳод карда шуд.6-ноябри соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи мазкур ба раъйпурсии умумихалқӣ гузошта шуд, ки ба тарафдории Конститутсия аз 94,4 фоизи иштироккунандагон 87,59 фоизи шаҳрвандони дорои ҳуқуқи интихоботӣ овоз дода моҳиятан роҳи тараққиётиояндаи худро муайян карданд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи он санадҳои таърихӣ ва муҳим ба шумор меравад, ки аз ҷониби Халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар, ки онҳо танзими ягонаи ҳуқуқиро амалан роҳи расидан ба сулҳу субот ва таъмини соҳибихтиёриву соҳибистиқлолии давлат мешумориданд, имкон дод, ки дар лаҳзаҳои ҳассостарини сиёсии кишвар он қабул гардад. Махз дар лаҳзаҳои душвори сиёсӣ, ки дар мамлакат ҳануз оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомуш нагардидаву, истикрори сулх ба даст наомадааст кабул намудани Конститутсия осон набуд, зеро аз як тараф вазъи ногувори мамлакат имкон намедод то амнияти овоздихандагон таъмин бошад ва аз тарафи дигар мардум аз падидаи нави конститутсионӣ-раъйпурсӣ огаҳӣ надоштанд. Мардуми тоҷик хеле хуб дарк мекарданд, ки халосӣ ёфтан аз вартаи ҷанг танҳо бо роҳи қонуни имконпазир буд ва ба ин асос ба тарафдории Конститутсия овоз дода амалан роҳи тараққиёти давлатдории худро муайян намуданд. Қабули Конститутсия ин низоми ҳуқуқии кишварро дар маҷрои ягона танзим намуд ва дар кишвар низоми устувори ҳуқуқӣ таъмин гардид. Конститутсия сохибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолии

Тоҷикистонро ба таври қонунӣ мустаҳкам намуда, онро демокративу ҳуқуқбунёд, дунявию ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд. Қабули Конститутсия даст кашидан аз шакли давлатдории шӯравӣ ва таҷассуми ҳокимияти сифатан нав-давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро дар арсаи ҷаҳонӣ қонунан эълон дошт, ки дар он қонуниятҳои инкишофи давлатдории тоҷикон дар назди наслҳои ҳозира ва оянда муқаррар шудааст.

Конститутсия санади олии давлат, ҳуҷҷати сарнавиштсози кишвар мебошад, ки дар он волояти қонуни ҳуқуқӣ таъмин гардида, халқ баёнгари соҳибхтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардидааст. Ҳар як шахс, ташкилоту муассиса новобаста аз шакли моликият ва давлат вазифдор гардидааст, ки Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳуриро риоя намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш қайд намудаанд, ки: «Маҳз ба шарофати Конститутсия рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардида, давлати мо ба роҳи рушди устувор қадамҳои боэътимод гузошт. Аз ҷониби мардум дар вазъияти ниҳоят мураккаби сиёсӣ якдилона қабул гардидани ин ҳуҷҷати тақдирсоз, пеш аз ҳама гувоҳи аз ҷониби халқи Тоҷикистон дастгирӣ ёфтани сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат буда, ба ҷаҳониён ҳисси баланди миллӣ, ватандустӣ ва анъанаҳои созандаву бунёдкорона доштани мардуми кишварро собит сохт».

Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар, ки аз падидаи нав-раъйпурсӣ огаҳӣ надоштанд, имкон дод, то дар лаҳзаҳои кӯтоҳ аз тарз ва рафти овоздиҳӣ ба пуррагӣ огаҳӣ пайдо намуда, ба ҷонибдории қабули Конститутсияи миллии хеш овоз диҳанд. Маҳз ана ҳамин қабули қонуни асосии давлат имкон дод, ки низоми ҳуқуқии кишвар ба

маҷрои ягона ворид гардида, заминаи хуқуқӣ барои таъмини сулҳ ва амнияти миллии кишвар гузошта шавад. Овоз додан ва иштирок дар маъракаҳои сиёсӣ ин ҳуқуқи сиёсии танҳо шаҳрвандони кишвар мебошад, ки иштироки васеи мардуми кишвар дар овоздиҳии умумихалқӣ василаи дарки маърифати ҳуқуқии хештаншиносӣ аз ҷониби шаҳрвандони кишвар ба ҳисоб мерафт. Минбаъд бо қабули Конститутсияи миллии кишвар падидаҳои нави хуқуқӣ аз қабилӣ, волоияти ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба се шохаҳои мустақил, барборҳуқуқӣ ва эътирофи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, плюрализми сиёсӣ, райъпурсӣ, интихобот, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, демократӣ ва ғайраҳо дар кишвари соҳибистиқлоли мо кафолат ва эътироф гардиданд.

Бо қабули Конститутсия мо эълон намудем, ки қисми ҷудонашавандаи ҷаҳон мебошем ва бо ин васила сиёсати сулҳҷуёнаро ҷузъи асосӣ ва волои давлатдории хеш муқаррар намудем. Конститутсияи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон он нуқтаро эътироф намуд, ки асоси ҳуқуқии ҷомеаи нав, пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Конститутсия давлатро зери ҳукмронии ҳуқуқ тобеъ намуда, фаъолияти тамоми шохаҳои ҳокимият, дастгоҳи давлат ва роҳбарияти сиёсии кишварро ба маҷрои конститутсионӣ равона намуд. Давлат тамоми имконият ва захираҳои мавҷударо барои раҳо ёфтан аз ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини тамомияти арзӣ ва якпорчагии давлат, баргардонидани ҳамватанони бурунмарзӣ, ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сафарбар намуд. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида, аз се як ҳиссаи Конститутсия, яъне 34-модда ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шуд. Яке аз афзалиятҳои асосии қабули Конститутсия ин буд, ки ҳуҷҷати расмӣ ва заминавӣ барои

даст ёфтан ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба шумор мерафт. Баҳри расидан ба истиқрори сулҳ дар кишвар ҳизбҳои сиёсӣ таъсис дода шуд, ки дар як давраи муайян дар кишвар ҳизби хусусияти динидошта низ фаъолият дошт, аммо таҷрибаи фаъолияти ғаразноки роҳбарони ин ҳизб (манзур аз Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти экстромистӣ ва терористидошта эълон гардидааст) нишон дод, ки мақсад ва фаъолияти сиёсии онҳо барои ба ҳам задани сулҳу субот, ягонагӣ ва осоиштагии мардум буда, мақсади асосиашон ба вуҷуд овардани низоъ дар мамлакат ба шумор меравад. Бинобар ин мардуми кишвар бевосита тариқи иштироки худ дар раъйпурсии умумихалқӣ иродаи худро баҳри манъи таъсиси ҳизбҳои сиёсие, ки хусусияти миллӣ, махаллӣ ва ё динидошта бошанд баён карданд. Пайравӣ намудан ба ин ё он дин озодии эътиқоди динии ҳар як шахсро нишон дода, мавҷудияти ҳизби хусусияти динӣ ва маҳалли дошта, боиси тафриқагузорӣ байни шаҳрвандон мегардад. Мо ҳеҷ гоҳ фаромуш нахоҳем кард, ки Истиқлолият, сулҳ ва Ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи арзишҳои волои давлатдориамон мебошад, ки бо хости илоҳӣ, муборизаи ҷасурона ва хизматҳои шабонарӯзии фарзандони фарзонаи кишвар ба даст омадааст. Бинобар ин дарк намоем, ки василаи асосии пурраи танзими ҳуқуқӣ дар кишвар ин риояи меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои кишварамон ба шумор меравад. Бинобар ин дар хотир дошт, ки ба ҳам задани сулҳу субот, таҳдид ба амнияти давлат, ташкил ва аъзо шудан ба ташкилотҳои экстромистиву терористӣ ин хиёнат ба ватану миллат, хиёнат ба хоки ватан ва обу ҳавои софу беғубори ватани азизамон буда, хиёнаткорон бахшида намешаванд.

Конститутсияи Чумхурии Точикистон дорои дебоча, 10 боб ва 100 модда мебошад, ки меъёрхои он баробарии ҳамаро дар назди қонун эълон намуда, кафолати ҳуқуқу

озодиҳоро ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ ва мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва моликият ба дӯши давлат вогузор намудааст ва ин дар маҷмӯъ барои бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ, ки дар он халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, шароити мусоид фароҳам меорад.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни асосии давлат, унсури марказии низоми ҳуқуқии кишвар, заминаи эҷод ва такмили минбаъдаи қонунгузорӣ, ҳуҷҷати созиши иҷтимоӣ, муайянсозандаи дурнамои пешрафти ҷомеа ва давлат мебошад. Бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни ҳаёт ва бо мақсади тезонидани ҷараёни демократикунонии ҷомеа, инчунин бо тақозои меъёрҳои ҳуқуқи пешрафтаи ҷаҳон ба Конститутсия се маротиба-солҳои 1999, 2003 ва 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз меъёрҳое иборат аст, ки давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ будани Точикистонро муқаррар менамоянд. Онҳо ҳокимиятдории халк, сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани он ва аз номи ӯ ба амал баровардани ҳокимияти давлатиро муайян мекунанд. Конститутсия хамчун Қонуни волои давлат дар низоми қонунгузорӣ ва соҳаҳои ҳуқуқ накши калидӣ дорад, зеро Конститутсия санади олии ҳуқуқӣ буда меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Он ба сифати қонуни олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор дода, асосҳои ҳуқуқии рушду такомули минбаъдаи чунин муносибатҳоро фароҳам меорад. Тамоми қонунҳо бояд дар асоси он ва мувофиқ ба меърҳои Конститутсия кабул карда шаванд.

Риояи ҳатмии меъёрҳои қонун аз тарафи шаҳрвандон ва давлат яке аз нишонаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ва маърифати баланди ҳуқуқии он мебошад, ки мо инро

ҳадафи асосии давлати ҳуқуқбунёди миллиамон эълон намуда, эътироф намудем, ки волоияти қонуни ҳуқуқӣ бояд дар мамлакат ба таври бечунучаро таъмин гардад. Яке аз нишонаҳои дигари давлати ҳуқуқбунёд ин маърифати баланди ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад, ки соли 2024 аз ҷониби Асосогузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли «Маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шуд, ки ҳадафи асосии он баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, муносибти мусбии шаҳрвандон ба қонун, риояи ҳатмии меъёрҳои қонунгузорӣ дар кишвар ба шумор меравад, ки риоя ва донистани меъёрҳои Конститутсия аз ҷумлаи роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Зеро ҳар як меъёри қонунҳо дар заминаи меъёрҳои Конститутсия қабул карда мешаванд. Маърифати ҳуқуқӣ ин дарк, фаҳмиш ва муносибати шаҳрвандон нисбат ба қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар мебошад. Бинобар ин дарки дурусти қонун, риояи ҳатмии меъёрҳои он аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва давлат василаи асосии таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини қонуният ва ягонагӣ ба шумор меравад,

Тибқи талаботи моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Давлат, ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои он вазифадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишварро риоя ва иҷро намоянд». Меъёри мазкур баробарии ҳамаи шаҳрвандонро дар назди қонун муқаррар намуда, пешбинӣ менамояд, ки ҳар як шахс бояд Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишварро риоя намоянд, зимни фаъолияти кории хеш ҳар як меъёри онро дуруст татбиқ ва ичро намоянд. Яъне дар ин асос дар Конститутсия ба ягон шахс афзалият ва ё бартарӣ дода нашуда,муқаррароти меъёрҳои он нисбати ҳама якзайл

паҳн мегардад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ҳамаи қонунҳо буда, тамоми дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ дар заминаи ӯ ва мутобиқ ба меъёрҳои он қабул мегарданд. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки мухолиф ба меъёрҳои Конститутсияанд эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Халқи Тоҷикистон ва аз тарафи шаҳрвандони он қабул карда шуда, дар он ифода ва иродаи олии халқ таҷассум гардидааст. Тибқи талаботи он Халқи Тоҷикистон баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд. Иштирок дар ҳаёти сиёсии давлат ва эътирофи ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон роҳи таъмини арзишҳои демократӣ мебошад, ки тавассути қабули Конститутсия дар мамлакатамон рушд намуда, ҳаёти сиёсии кишвар бо роҳи аз ҷониби шаҳрвандон интихоб кардан ва интихоб шудан дар мансабҳои давлатӣ амалӣ карда шуд. Дарки меъёрҳои Конститутсия маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро боло мебарад. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хубӣ дарк намудаанд, ки бо қабули Конститутсияи миллиамон мо ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд поя гузошта, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намудем. Боби махсуси Конститутсия ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шуд, ки минбаъд тамоми меъёрҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ дар асоси принсипи волоияти ҳуқуқи инсон қабул карда шуда, ғояи асосии баланд будани ҳуқуқи инсон ҳамеша дар назар дошта мешавад.

Гузашти вақт беш аз пеш собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа, рушди озодона ва сарбаландии ҳар як фарди он маҳз ба истиқлолияту озодӣ ҳамчун кафолати асосии бақои миллатҳо вобастагии мустақим дорад. Ҳамин дастоварди бузург дар тӯли таърихи башарият имкон

фароҳам овардааст, ки мардумони ҷаҳон соҳиби ҳаққи табииву таърихии худ бошанд.Мояи ифтихори мардуми Тоҷикистон аст, ки мо баъди садсолаҳои зиёд маҳз ба шарофати ин неъмати бебаҳо, яъне истиқлолияти давлатӣ бо дарназардошти анъанаву суннатҳои таърихии аҷдодиамон ва бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои мутамаддину пешрафта сиву се сол қабл ба бунёди давлатдории миллии худ оғоз кардем. Маҳз ба шарофати ин неъмати бебаҳо мо соҳиби давлат, сохиби Конститутсияи миллии худ гардида, тавонистем дар як муддати кутоҳи таърихӣ Тоҷикистонро аз бӯҳрони ҷанги шахрвандӣ наҷот дода сулҳи деринтозорамонро ба даст овардем. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон буда, заминаи ҳуқуқии бунёди давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги бебаҳои Тоҷикистон мебошад. Он қонуни асосии давлат, унсури марказии низоми ҳуқуқии кишвар, заминаи эҷод ва такмили минбаъдаи қонунгузорӣ, ҳуҷҷати созиши ичтимоӣ, муайянсозандаи дурнамои пешрафти ҷомеа ва давлат мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди миллӣ буда, муқаддасоти миллӣ, андешаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи анъанаҳо ва осори таърихии миллиро эълон ва таъмин мекунад. Он нахустин Қонуни асосии давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон мебошад, ки пас аз таърихи беш аз ҳазорсолаи аз байн рафтани давлати Сомониён барпо гардид. Сарвари давлат дар суханронии худ хеле хуб қайд намуданд, ки: «Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсози мардуми куҳанбунёду соҳибтамаддуни мо оини давлату давлатдории тоҷиконро, ки дар тули таърихи чандинҳазорсолаи халқамон идома ва сайқал ёфтааст, ҳамчунин кӯшишу талошҳои фарзандони хирадманду

фарзонаи ин халқро дар роҳи расидан ба соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ ҷомаи амал пӯшонид. Ғояҳои башардӯстонаи он инъикоскунандаи суннатҳои пурғановати халқи тоҷик буда, аз барҷастатарин намунаҳои фарҳангии ниёгони ориёии мо, арзишҳои давлатдории Сосониёну Сомониён ва мероси бузургони таъриху адабиёти аз ҷониби умум эътирофгардидаи мо сарчашма мегиранд».

Бо шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ ва сулҳу осоиш имсол мардуми шарифу сарбаланди тоҷик бо камоли баланди масъулияти шаҳрвандӣ ҷашни 30-солагии Конститутсияи миллии худро ҷашн мегиранд, ки ба ин муносибат ҳамаи ҳамватанон ва кулли тоҷикони ҷаҳонро ба ин ҷашни таърихӣ самимона табрик гуфта ба ҳамаи онон тани сиҳат, хонаи обод ва саломатиро таманно дорам. Мо ҳеҷ гоҳ ранҷу заҳматҳои фарзандони фарзонаи ин халқро ки дар роҳи бунёди сохтори конститусионӣ ҷони худро дареғ надошта хизматхои шоиста кардаанд ва ҳамчунин он нафаронеро ки дар ин роҳ қурбон гаштаанд фаромӯш нахоҳем кард. 30-солагии Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад.

**Коромӯз-судя**
**Анварзода А.А.**

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 1, 2024

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Қадамов Икром Муборакшоҳович
Ҳуруфчӣ – Исмоилзода Шокирҷон Шариф

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 х84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «___________» чоп шудааст.